7. The Adoption and Implementation of the International Public Sector Accounting Standards: The challenges faced by the United Nation in producing UN-IPSAS compliant financial reports in Kenya, Whitefield, A. A., & Savvas, P. (2016) [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://iprjb.org/journals/index.php/IJFA/article/view/ 42?srsltid=AfmBOorxPTMj9zcw8ZZIPRlxMrlPgUFlz_Hb6hsrQ5-0a-JNVvcqAc8Z (Дата обращения: 25 ноября 2025)

8. International Public Sector Accounting Standards (IPSAS) and Credibility of Financial Reporting in Nigeria Public Sector: An Improvement or A Ruse, Olaoye & Talabi, 2018, [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://www.iiste.org/Journals/index.php/ RJFA/article/view/43605/44921 (Дата обращения: 22 ноября 2025)

9. Culture, language and accounting reform: a new perspective on IPSAS implementation. Abdulkarim et al., 2023, [Электронный ресурс]. Режим доступа:

https://www.emerald.com/insight/ content/doi/10.1108/jaoc-01-2022-0006/full/html (Дата обращения: 6 декабря 2025)

10. Government Accounting System Reform and the Adoption of IPSAS in Iraq, Alshujairi, 2014, [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://core.ac.uk/download/pdf/234630341.pdf (Дата обращения: 15 декабря 2025)

11. Examining the status of IPSAS adoption at the country level: an analysis of the OECD member states. Bekiaris & Paraponti, 2023. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://www.researchgate.net/ publication/360997104_Examining_ the_status_of_IPSAS_ adoption_at_the_country_level_an_analysis_of_the_OECD_member_states (Дата обращения: 15 декабря 2025)

12. New development: IPSAS adoption, from G20 countries to village governments in developing countries. Fahmid et al., 2020. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://www.tandfonline.com/doi/full/10.1080/ 09540962.2019.1617540 (Дата обращения: 15 декабря 2025)

13. “Does your walk match your talk?” Analyzing IPSASs diffusion in developing and developed countries. Polzer et al., 2020, [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://repository.essex.ac.uk/25562/ 1/ijpsm_2019_accepted_version.pdf (Дата обращения: 15 декабря 2025)

14. Is implementing the IPSASs an appropriate reform? Hepworth, 2017, [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://www.tandfonline.com/doi/full/ 10.1080/ 09540962.2016. 1266174 (Дата обращения: 16 декабря 2025)

15. What emerging economies and low-income countries need to do before adopting IPSAS? Polzner at al, 2021, [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://blogs.worldbank.org/en/governance/what-emerging-economies-and-low-income-countries- need-do-adopting-international-public (Дата обращения: 15 декабря 2025)

16. Afghanistan – Public sector accounting and auditing: a comparison to international standards, World Bank, [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://documentsinternal.worldbank.org/Search/8820389 (Дата обращения: 15 декабря 2025)

17. Connecting the PFM ecosystem: transitioning from cash-basis to accrual-basis accounting, D. Jensen, M. El-Chami, 2022, [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://www.ifac.org/knowledge-gateway/discussion/connecting-pfm-ecosystem-transitioning-cash-basis-accrual-basis-ccounting (Дата обращения: 18 декабря 2025)

18. Saudi Arabia achieves major financial milestone with IPSAS adoption, 2024, [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://www.arabnews.com/node/2582261/business-economy (Дата обращения: 29 ноября 2025)

19. Public Expenditure and Financial Accountability (PEFA) Assessment report, Kenya, 2022, [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://www.pefa.org/node/5187 (Дата обращения: 22 ноября 2025)

20. The Public Sector Accounting and Reporting Program (PULSAR), Center for Financial Reporting Reform, World Bank, https://cfrr.worldbank.org/programs/pulsar (Дата обращения: 26 ноября 2025)

21. Book on Public Sector Accounting Reform Implementation Status in PULSAR Countries, 2021, Centre for Financial Reporting Reform, World Bank, [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://cfrr.worldbank.org/index.php/publications/book-public-sector-accounting-reforms-mplementation-status-pulsar-countries (Дата обращения: 22 декабря 2025)

22. Tawiah, V. The Effect of IPSAS Adoption on Governance Quality: Evidence from Developing and Developed Countries. Public Organiz Rev 23, 305–324 (2023), [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://doi.org/10.1007/s11115-022-00625-w (Дата обращения: 27 декабря 2025)

23. Adoption of the International Public Sector Accounting Standards in Emerging Economies and low-inclome countries: a structured literature review, T.Polzner at al, 2023, [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://research.wu.ac.at/ws/portalfiles/portal/16985572/10-1108_JPBAFM-01-2021-0016.pdf (Дата обращения: 15 декабря 2025)

24. IPSAS implementation: current status and challenges, ACCA, 2017, [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://www.accaglobal.com/content/dam/ACCA_Global/Technical/pubsect/pi-IPSAS-implementation-current-status-and-challenges.pdf (Дата обращения: 17 декабря 2025)

25. Issues and challenges in implementing International Public Sector Accounting Standards (IPSAS); Zakiah Saleh at al, 2021, [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://jurnal.ipn.gov.my/wp-content/uploads/2024/09/1.-Issues-and-Challenges-in-Implementing -International-Public-Sector-Accounting-Standards-IPSAS.pdf (Дата обращения: 15 декабря 2025)

26. Каримов, А. С. Отдельные аспекты применения МСФО в малом бизнесе / А. С. Каримов, А. А. Мирзоалиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. – № 10-1. – С. 45-55. – EDN SHFNMN.

27. Мирзоалиев, А. А. Капитал государственных некоммерческих учреждений: особенности отражения в отчетности согласно МСФО / А. А. Мирзоалиев, М. Н. Бобишоев // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2021. – № 4-1(38). – С. 84-94.

28. Низомов, С. Ф. Проблемы и пути совершенствования бухгалтерского учета и аудита в цифровой экономике / С. Ф. Низомов, Г. М. Рахимов // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2022. – № 2(41). – С. 168-179.

29. Низомов, С. Ф. Методогия формирования внутренней управленческой отчетности / С. Ф. Низомов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – № 2/1. – С. 84-93

ВНЕДРЕНИЕ МЕЖДУНАРОДНЫХ СТАНДАРТОВ УЧЕТА В ГОСУДАРСТВЕННОМ СЕКТОРЕ: МЕЖДУНАРОДНЫЙ ОПЫТ

Аннотация. Целью статьи является предоставление всестороннего понимания процесса имплементации Международных стандартов бухгалтерского учета для общественного сектора - International Public Sector Accounting Standards (МСФО ОС-IPSAS), опираясь на тематические исследования и эмпирические данные. В статье исследована научная литература по переходу на МСФО ОС в развивающихся странах и проанализирована, как имплементация МСФО ОС способствует в формировании подотчетности в государственном секторе. На основе критического обзора литературы по внедрению МСФО ОС в развивающихся странах определены ключевые аспекты, которые необходимо учитывать в процессе внедрения реформы в области бухгалтерского учета в государственном секторе. Обоснованы потенциальные преимущества от внедрения МСФО ОС, в частности, усиления подотчетности и прозрачности, улучшения процесса принятия решений и повышения эффективности, а также определены основные вызовы. Для успешного внедрения МСФО ОС предложено применить поэтапный подход, включающий следующие этапы: обеспечение политической поддержки и технического лидерства; определение целей и объема реформы; создание специальной команды по реформе; оценка затрат и разработка плана действий; развитие потенциала правительственных служащих; привлечение заинтересованных сторон и содействие прозрачности. Практическая ценность результатов исследования состоит в раскрытии практических аспектов внедрения МСФО ОС и выделении ключевых факторов,

способствующих успешному процессу имплементации МСФО ОС развивающимися странами.

Ключевые слова: бухгалтерский учет, финансовая отчетность, учет по методу начисления, прозрачность, государственный сектор, система бухгалтерского учета.

ТАТБИҚИ СТАНДАРТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МУҲОСИБӢ ДАР БАХШИ ДАВЛАТӢ: ТАҶРИБАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Аннотатсия. Мақсади мақола пешниҳоди фаҳмиши ҳамаҷонибаи раванди татбиқи Стандартҳои байналмилалии муҳосибии бахши давлатӣ - International Public Sector Accounting Standards (СБҲМ БД – IPSAS) мебошад, ки ба таҳқиқоти мавзӯӣ ва маълумоти эмпирикӣ асос ёфтааст. Дар мақола адабиёти илмӣ оид ба гузариш ба СБҲМ БД дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ таҳқиқ карда шуда, таҳлил шудааст, ки чӣ гуна татбиқи СБҲМ БД дар ташаккули ҳисоботдиҳӣ дар бахши давлатӣ мусоидат мекунад. Дар асоси баррасии интиқодии адабиёт оид ба татбиқи СБҲМ БД дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, ҷанбаҳои калидие, ки дар ҷараёни татбиқи ислоҳот дар соҳаи муҳосибӣ дар бахши давлатӣ ба назар гирифта мешаванд, муайян карда шудаанд. Афзалиятҳои эҳтимолии татбиқи СБҲМ БД, аз ҷумла, тақвияти ҳисоботдиҳӣ ва шаффофият, беҳтар намудани раванди қабули қарорҳо ва баланд бардоштани самаранокӣ асоснок карда шуда, инчунин, мушкилоти асосӣ муайян карда шудаанд. Барои татбиқи бомуваффақияти СБҲМ БД, татбиқи усули марҳила ба марҳила пешниҳод карда шудааст, ки марҳилаҳои зеринро дар бар мегирад: таъмини дастгирии сиёсӣ ва пешвоии техникӣ; муайян кардани ҳадафҳо ва доираи ислоҳот; таъсиси гурӯҳи махсус оид ба ислоҳот; баҳодиҳии хароҷот ва таҳияи нақшаи амал; рушди иқтидори хизматчиёни давлатӣ; ҷалби ҷонибҳои манфиатдор ва мусоидат ба шаффофият. Арзиши амалии натиҷаҳои тадқиқот аз ошкор намудани ҷанбаҳои амалии татбиқи СБҲМ БД ва ҷудо намудани омилҳои калидие иборат аст, ки ба раванди бомуваффақияти татбиқи СБҲМ БД аз ҷониби кишварҳои рӯ ба тараққӣ мусоидат мекунанд.

Вожаҳои калидӣ: муҳосибӣ, ҳисоботи молиявӣ, баҳисобгирӣ аз рӯйи усули ҳисобузамкунӣ, шаффофият, бахши давлатӣ, низоми баҳисобгирии муҳосибӣ.

IMPLEMENTATION OF INTERNATIONAL PUBLIC SECTOR ACCOUNTING STANDARDS: INTERNATIONAL EXPERIENCE

Abstract. This article aims to provide a comprehensive understanding of the implementation of International Public Sector Accounting Standards (IPSASs), drawing on case studies and empirical data. This article examines the academic literature on the transition to IPSAS in developing countries and analyzes how IPSAS implementation contributes to accountability in the public sector. Based on a critical review of the literature on IPSAS implementation in developing countries, it identifies key aspects that need to be considered when implementing public sector accounting reform. The potential benefits of IPSAS implementation, including enhanced accountability and transparency, improved decision-making, and increased efficiency, are substantiated, and the main challenges are identified. To successfully implement IPSAS, a phased approach is proposed, including the following steps: securing political support and technical leadership; defining reform objectives and scope; establishing a dedicated reform team; costing and developing an action plan; developing the capacity of government officials; engaging stakeholders and promoting transparency. The practical value of the study's results lies in revealing the practical aspects of IPSAS implementation and identifying key factors contributing to the successful implementation of IPSAS in developing countries.

Keywords: accounting, financial reporting, accrual accounting, transparency, public sector, accounting system.

Сведения об авторах: Бобишоев Мухиддин Назруллоевич – старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета и аудита Таджикского государственного

университета коммерции. E-mail: muhiddinbobishoev@mail.ru тел. (+992) 93 4444708; Халимов Парвиз Абдувакилович – старший преподаватель кафедры бухгалтерского учета и аудита Таджикского государственного университета коммерции. Тел. (+992) 935340037, E-mail: parvi-tguk@mail.ru;

Маълумот дар бораи муаллифон: Бобишоев Муҳиддин Назруллоевич - муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Тел. (+992) 935340037, E-mail: parvi-tguk@mail.ru; Ҳалимов Парвиз Абдувакилович – муаллими калони кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Тел. (+992) 935340037, E-mail: parvi-tguk@mail.ru;

About the authors: Bobishoev Mukhiddin Nazrulloevich – Senior Lecturer, Department of Accounting and Auditing, Tajik State University of Commerce. E-mail: muhiddinbobishoev@mail.ru Tel. (+992) 93 4444708; Khalimov Parviz Abduvakilovich – Senior Lecturer, Department of Accounting and Auditing, Tajik State University of Commerce. Tel. (+992) 935340037, E mail: parvi-tguk@mail.ru;

УДК 657.1.

Бобоев Ш.Н.

МАСЪАЛАҲОИ ТАТБИҚИ ҲИСОБКУНИИ АРЗИШИ АСЛӢ ДАР АСОСИ НАМУДҲОИ ФАЪОЛИЯТ (АВС) ВА ИДОРАКУНӢ ДАР АСОСИ НАМУДҲОИ ФАЪОЛИЯТ (АВМ)

Муқаддима. Тағйирот дар муҳити тиҷорат, ки дар натиҷаи рақобати ҷаҳонӣ ва навовариҳои технологӣ ба миён омадаанд, боис гардиданд, ки дар корхонаҳо истифодаи маълумоти молиявӣ ва ғайримолиявӣ навовариҳои ҷиддӣ пайдо кунад. Муҳити нави иқтисодӣ маълумоти мувофиқ ва дақиқро дар бораи хароҷот ва нишондиҳандаҳои фаъолият дар доираи фаъолиятҳо, равандҳо, маҳсулот, хизматрасониҳо ва мизоҷони корхона талаб мекунад.

Одатан ширкатҳои пешсаф низомҳои арзишии худро барои ин вазифаҳо истифода мебаранд:

• Таҳияи маҳсулот ва хизматрасониҳое, ки на танҳо ба интизориҳои мизоҷон ҷавоб медиҳанд, балки метавонанд бо фоида истеҳсол ва пешниҳод карда шаванд;

• Огоҳондан дар бораи зарурати беҳбудиҳои доимӣ ё даврӣ дар сифати маҳсулот, самаранокӣ ва суръат;

• Кӯмак ба кормандон дар омӯзиш ва такмили доимии онҳо;

• Роҳнамоӣ дар интихоби маҷмӯи маҳсулот ва қабули қарорҳои сармоягузорӣ;

• Гузаронидани гуфтушунид бо мизоҷон оид ба нарх, хусусиятҳои маҳсулот, сифат, расонӣ ва хизматрасонӣ;

• Таъмини равандҳои самараноки тақсимот ва хизматрасонӣ барои сегментҳо ва мизоҷони ҳадаф [1, с. 43].

Бо вуҷуди ин, бисёре аз ширкатҳо аз ин низомҳои мукаммали ҳисоби арзишӣ афзалияти рақобатӣ ба даст намеоранд, зеро онҳо ба маълумоте такя мекунанд, ки аз низомҳои арзишии даврае бо технологияи содда ба даст меояд - даврае, ки рақобат асосан маҳаллӣ буд, на байналмилалӣ, ва ширкатҳо маҳсулоти стандартӣ истеҳсол мекарданд ва суръат, сифат ва самаранокӣ барои муваффақият аҳамияти камтар доштанд. Бо истифодаи чунин низомҳо, менеҷерон маълумоти саривақтӣ ва мувофиқ барои раҳнамоии фаъолияти беҳбудбахши худро надоранд, инчунин маълумоти дақиқ барои қабули қарорҳои стратегӣ дар бораи равандҳо, маҳсулот, хизматрасониҳо ва мизоҷон дар дасташон нест.

Дар шароити имрӯза, ширкатҳо ва менеҷерон ба низомҳои арзишӣ барои иҷрои се вазифаи асосӣ ниёз доранд:

• Баҳодиҳии захираҳо ва муайян кардани арзиши аслии молҳои фурӯхташуда барои ҳисоботи молиявӣ - бинобар талаботи сармоягузорон, қарздиҳандагон ва муассисаҳои танзимкунанда;

• Баҳодиҳии хароҷоти фаъолият, маҳсулот, хизматрасониҳо ва мизоҷон - барои он ки менеҷерони дохилӣ иқтисодиёти фаъолияти ширкатро беҳтар фаҳманд ва такмил диҳанд;

• Пешниҳоди маълумоти дақиқ ва саривақтӣ оид ба хароҷот ва ирсоли бозхурди иқтисодӣ ба менеҷерон ва операторон - барои қабули қарорҳои стратегӣ ва такмили фаъолияти амалиётӣ [2, с. 76].

Дар чунин шароит, менеҷерон бояд амалияҳои идоракунии худро бознигарӣ карда, низомҳои мавҷудаи баҳисобгирии амалиётиро, махсусан низомҳои баҳисобгирии идоракуниро, аз нав созанд. Дар ҷавоб ба ин тағйирот, муҳаққиқон ба омӯзиши навовариҳо ва ислоҳот дар баҳисобгирии идоракунӣ рӯ оварданд. Имрӯз мо шоҳиди бознигарии ҷиддии ин соҳа дар заминаи таҳияи усулҳо ва низомҳои нав ҳастем [4, с. 37].

Усулҳои анъанавии баҳисобгирии идоракунӣ - ба мисли ҳисобкунии арзиши пурра, буҷетбандӣ ва нишондиҳандаҳои самаранокии асосёфта ба фоида - тадриҷан бо усулҳои нав иваз шуданд, аз ҷумла: баҳисобгирии стратегӣ, ҳисобкунии арзиш дар асоси фаъолият (ABC), идоракунии стратегияи хароҷот, нишондиҳандаҳои ғайримолиявӣ, низоми мутавозуни нишондиҳандаҳо (BSC) ва ҳисобкунии мақсаднок. Баъзе аз онҳо, аз ҷумла ABC ва BSC, дар амалия низ маъруфияти зиёд пайдо кардаанд [3, с. 16]. Бештар аз ҳама, ҳисоби арзиш дар асоси фаъолият (ABC) ҳамчун яке аз муҳимтарин дастовардҳо эътироф шудааст.

Низомҳои ABC ва ABM ба хотири таъмини маълумоти аниқи арзиш дар бораи талаботи захираҳо барои ҳар як маҳсулот, хизматрасонӣ ва мизоҷ ба миён омаданд. Ин низомҳо имкон медиҳанд, ки хароҷоти ғайримустақим ва дастгиркунанда аввал ба фаъолиятҳо ва равандҳо, ва баъдан ба маҳсулот, хизматрасониҳо ва мизоҷон мансуб гарданд. Дар натиҷа, менеҷерон тасаввури равшантаре аз иқтисодиёти фаъолияти худ пайдо карда, қарорҳои беҳтар қабул карда метавонанд.

Ин тағйиротҳо, баҳсҳои зиёд ва таваҷҷуҳи баланди байналмилалӣ моро водор карданд, ки ба омӯзиши тағйирот дар баҳисобгирии идоракунӣ ва усулҳои нав, воситаҳо ва методологияҳои он рӯ оварем. Ин мақола, ҳамчун саҳм дар адабиёти баҳисобгирии идоракунӣ, баррасӣ мекунад, ки чӣ гуна бо гузашти солҳо усулҳои ABC ва ABM рушд карданд, ва чӣ гуна онҳо аз ҷониби корхонаҳо қабул ва татбиқ гардиданд.

Методологияи тадқиқот. Солҳои охир ҳам дар таҳқиқот ва ҳам дар амалияи баҳисобгирии идоракунӣ тағйироти назаррас ба амал омаданд. Барои муҳаққиқон ва амалгарони баҳисобгирии идоракунӣ давраи нав - давраи тағйирот - фаро расидааст [6, с. 16].

Аммо чӣ гуна метавонем таҳқиқоти босифати баҳисобгирии идоракуниро ба роҳ монем? Тибқи адабиёти мавҷуда дар ин соҳа [1; 2; 3; 4], ин кор талаб мекунад: сахтгирии бештар, санҷиши бештар ва назарияи бештар. Ба гуфтаи Аткинсон Э.А. ва дигарон, «назариясозӣ метавонад талоши озодкунанда бошад - кӯшише барои фаҳмидани дунёи мо дар сатҳи абстрактии баландтар нисбат ба тавсифи оддии амалияе, ки мустақиман мушоҳида мешавад. Санҷиш метавонад талоше барои ошкор кардани робитаҳои воқеан мавҷудбуда дар дунё бошад. Сахтгирӣ бошад, ҷиддият дар ҷустуҷӯи ин робитаҳост. Ин пешниҳодҳо маҷмӯи муайяни меъёрҳои сифатиро барои эҷоди дониш - донишҳои хуб, мувофиқ ва равшан - пешниҳод мекунанд» [1, с. 18].

Тадқиқотчиёни сифатӣ, бар хилофи ҳамкорони миқдорӣ, дар ибтидои раванд гипотезаро месанҷанд. Назария барои пешгӯӣ истифода намешавад, балки барои фаҳмидани як падидаи муайян хизмат мекунад. Таҳлили маълумот раванди сохтани воқеият аст, ки дар он муҳаққиқ, назария ва усули истифодашуда, инчунин худи маълумоти бадастомада - ҳамаашон бо ҳам вобаста ва муттаҳид мебошанд.

Баррасии таҳқиқот. Усулҳои ҳисобкуниии арзиши аслӣ / идоракунӣ дар асоси

фаъолият аз замони пайдоиши худ дар охири солҳои 1980-ум таваҷҷуҳи зиёдро ҳам аз ҷониби олимон ва ҳам аз ҷониби амалгарон ба худ ҷалб карданд [5, с. 26].

Низоми АВС ҳамчун як равиши ҳалкунандаи мушкилоти вобаста ба низомҳои анъанавии идоракунии арзишҳо таҳия шудааст, зеро низомҳои анъанавӣ аксар вақт наметавонанд арзишҳои воқеии истеҳсолӣ ва хизматрасониро дақиқ муайян намоянд ва инчунин маълумоти муфид барои қабули қарорҳои амалиётӣ пешниҳод намекунанд. Аз сабаби ин камбудиҳо, менеҷерон метавонанд қарорҳоро бар асоси маълумоти нодуруст қабул кунанд. Ин хавф дар ширкатҳое, ки якчанд навъи маҳсулот ва хизматрасонӣ доранд, боз ҳам зиёдтар аст.

Пайдоиши АВС ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико рост меояд ва он натиҷаи таҳқиқот ва фаъолиятҳои назариявӣ ва амалии зиёде мебошад. Ин низом яке аз муҳимтарин навовариҳо дар ҳисоби арзиш ва баҳисобгирии идоракунӣ ба ҳисоб меравад.

Соли 1963 Питер Друкер ба он ишора кард, ки хусусияти асосии усулҳои анъанавии ҳисоби арзиш - набудани мувофиқат ва аҳамиятнокист, ки боиси носаҳеҳӣ ва номувофиқии байни маҳсулот ва арзиши он мегардад. Баъдтар, дар солҳои 1970–1980, муҳаққиқони амрикоӣ ва фаронсавӣ - Купер, Каплан, Портер, Лебас ва Лорино - тавассути мақолаҳо ва таҳқиқотҳои худ ин методро таҳия ва такмил доданд. Дар ҳамин давра, гурӯҳи байналмилалии консалтингии CAM-I (Consortium for Advanced Management International) нақши калидӣ бозида, таҳқиқотҳо ва лоиҳаҳои гуногунро маблағгузорӣ намуд ва ба расмият даровардани принсипҳое мусоидат кард, ки баъдан ҳамчун ҳисобкуниии арзиши аслӣ **дар асоси фаъолият (АВС)** машҳур шуданд.

Бо вуҷуди ин, АВС/М инчунин таваҷҷуҳи муҳаққиқони академиро ҷалб карда, боиси пайдоиши спектри васеи усулҳои таҳқиқотӣ гардид. Таҳлили корҳои илмӣ нишон медиҳад, ки дар ИМА равишҳои миқдорӣ бартарӣ доранд ва тамоюли бештари назарияофарӣ дида мешавад, дар ҳоле ки дар Британияи Кабир таҳқиқоти саҳроӣ ва баррасиҳои адабӣ бештар мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҳамчунин, нишонаҳои мавҷудияти кластеризатсияи вақтӣ дар интихоби усулҳои тадқиқотӣ ва истифодаи дертар аз усулҳои эмпирикӣ мушоҳида мешаванд [1, с. 86].

АВС ва АВМ - якҷоя ё ҷудогона?

Хисобкунии арзиш дар асоси фаъолият (АВС) ҳамчун методологияе муайян мешавад, ки арзиш ва самаранокии фаъолиятҳо, захираҳо ва объектҳои арзишро чен мекунад. Захираҳо аввал ба фаъолиятҳо, баъд фаъолиятҳо ба объектҳои арзиш тибқи дараҷаи истифодаи онҳо мансуб мешаванд. АВС робитаи сабабу натиҷаро байни драйверҳои арзиш ва фаъолиятҳо эътироф мекунад [5, с. 103].

Чӣ тавре коршиносон муқаррар намудаанд, АВС чунин оғоз меёбад:

- аз муайян кардани маҳсулоти ширкат;

- муайян намудани фаъолиятҳое, ки дар истеҳсол ва расонидани ин маҳсулот истифода мешаванд;

- ҳисоб кардани арзиши ин фаъолиятҳо [8, с. 63].

Баъдан, арзиши фаъолиятҳо ба маҳсулоте, ки онҳоро истифода мебарад, мутобиқ бо робитаи сабабу натиҷавӣ мансуб карда мешавад. Аз ин рӯ, ҳаводорони АВС бовар доранд, ки ин низом маълумоти муфидтар барои идоракунии арзиш нисбат ба низомҳои анъанавӣ медиҳад - махсусан барои ширкатҳое, ки хароҷоти ғайримустақими баланд ва маҷмӯи васеи маҳсулот доранд.

Дар шароити рақобатпазирии имрӯза, корхонаҳо барои зинда мондан ба низоми боэътимоди арзиш ва маълумоти дақиқ оид ба арзиш ниёз доранд. Бо ҷорӣ кардани АВС, менеҷерон маълумоти дақиқ дар бораи арзиши воқеии маҳсулот, хизматрасониҳо, равандҳо, фаъолиятҳо, каналҳои фурӯш, сегментҳои мизоҷон, шартномаҳо ва лоиҳаҳо ба даст меоранд.

Низомов С.Ф. ва дигарон бар он назаранд, ки равандҳои ҷорӣ кардани АВС бояд аз чор марҳила иборат бошанд:

1. баҳои арзиши низом;
2. тарҳрезии АВС;
3. татбиқи АВС;
4. баҳодиҳӣ ва тасдиқи низом [7, с. 165].

Илова бар ин, ҷорикунии АВС набояд як ҳодисаи «якдафъаина» бошад - он ба тағйири куллии тафаккури раҳбарият ниёз дорад ва бояд равандест, ки «беист ва пайваста такмил меёбад» [7, с. 166].

Муаллифон АВС-ро аз сабабҳои иқтисодӣ, воқеӣ, меъёрӣ ва прагматикӣ тавсия додаанд:

- арзиши беҳтарин медиҳад;
- воқеияти ҳодисаҳои молиявиро дуруст инъикос мекунад;
- қабули қарорҳои оқилона ва бастани шартномаҳоро осон мекунад.

Ба андешаи муҳақиқон афзалиятҳои эҳтимолӣ чунинанд:

- афзоиши дарки арзишҳо;
- пайгирии беҳтари арзишҳо барои объектҳо;
- тақсимоти дақиқтар ва муассиртари хароҷоти ғайримустақим;
- нишондиҳандаҳои молиявӣ (меъёрҳои драйверҳои арзиш) ва ғайримолиявӣ (ҳаҷмҳои драйверҳои арзиш) барои идоракунии арзиш ва қабули қарорҳои амалиётӣ [7, с. 168].

Аз АВС - ба АВМ

Тасвири равшантаре, ки АВС пешниҳод мекунад, ба таври табиӣ ба пайдоиши **идоракунӣ дар асоси фаъолият (АВМ)** оварда. АВМ ба корхона имкон медиҳад, ки бо истифодаи захираҳои камтар натиҷаҳои беҳтар ба даст орад.

Расми 1. - Истифодаи АВМ барои беҳбудии амалиётӣ ва қабули қарорҳои стратегӣ

Манбаъ: мутобиқшуда аз [1].

Ба андешаи мо АВМ - ин як рукни илми муҳосибист, ки ба идоракунии фаъолиятҳо равона шудааст, бо ҳадафи баланд бардоштани арзиши эҷодшаванда барои мизоҷон ва фоидаи бадастомада аз расонидани ин арзиш.

АВМ дар бар мегирад:

- таҳлили драйверҳои арзиш;
- таҳлили фаъолиятҳо;

- ченкунии нишондиҳандаҳои иҷроиш;
- истифодаи АВС ҳамчун манбаи асосии маълумот.

АВМ ба он равона шудааст, ки чи гуна захираҳо бояд дубора равона ё беҳтар истифода шаванд**,** то арзиши бештар барои мизоҷон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор эҷод шавад.

АВМ ҳадафҳои худро тавассути ду ҷанба амалӣ мекунад:

1. **АВМ амалиётӣ**,
2. **АВМ стратегӣ**.

АВМ амалиётӣ – ба баланд бардоштани самаранокӣ, коҳиш додани хароҷот ва истифодаи беҳтари захираҳо равона шудааст. Он метавонад қобилияти захираҳоро тавассути кам кардани вақте, ки мошинҳо кор намекунанд, беҳтар кардани ё комилан бартараф кардани фаъолиятҳо ва равандҳои нодуруст ва баланд бардоштани самаранокии захираҳои корхона зиёд кунад. Афзалиятҳои АВМ амалиётиро метавон тавассути коҳиши хароҷот, афзоиши даромад тавассути истифодаи самараноки захираҳо ва пешгирӣ аз хароҷот баҳодиҳӣ кард.

АВМ стратегӣ – роҳҳои гуногунро меомӯзад, ки ширкати метавонад барои эҷод ва нигоҳ доштани бартарии рақобатӣ дар бозор истифода кунад. АВМ кӯшиш мекунад талабот ба фаъолиятҳоро барои баланд бардоштани фоида тағйир диҳад, қарорҳоро дар бораи тарҳрезӣ ва таҳияи маҳсулот дар ҷое, ки имкониятҳои беҳтарини коҳиши хароҷот вуҷуд доранд, фаро мегирад ва муносибатҳоро бо таъминкунандагон ва мизоҷон беҳтар мекунад.

Бархе аз истифодаҳои мушаххаси АВМ дар корхонаҳои муосир инҳоро дар бар мегиранд: таҳлили хусусиятҳо, қабули қарорҳои стратегӣ, бенчмаркинг, таҳлили амалиёт, таҳлили фоида/нархгузорӣ ва такмилдиҳии равандҳо. Низомҳои **АВС/АВМ** метавонанд бисёр хусусиятҳо ё “тегҳои маълумотӣ” барои арзиши муайянро истифода кунанд. Хусусиятҳои маълумотӣ ба ширкат имкон медиҳанд, ки таҳлилро дар чандин андозаҳои гуногун бо истифода аз ҳамон захираи асосии маълумот анҷом диҳад.



Расми 2. - Натиҷаҳои модели АВМ

Сарчашма:Коркарди муаллиф дар асоси [1;2; 3].

Корхонаҳое, ки АВМ-ро таҳия ва ҷорӣ мекунанд, панҷ натиҷаи асосии иттилоотиро мебинанд:

- **Маълумоти дақиқ дар бораи арзиши фаъолиятҳо ва равандҳои бизнес**;

• **Арзиши фаъолиятҳои бефоида** – барои муайян кардани фаъолиятҳое, ки ба баланд бардоштани арзиш барои мизоҷон ё қонеъ кардани эҳтиёҷоти корхона кӯмак намекунанд ва андешидани тадбирҳо барои беҳбуди онҳо;

• **Нишондиҳандаҳои самаранокӣ дар асоси фаъолият** – барои пешниҳод кардани варақаҳои баҳодиҳӣ ва ҳисобот дар бораи он, ки чӣ қадар кӯшишҳо барои такмил самараноканд;

• **Маълумоти дақиқ дар бораи арзиши маҳсулот/хизматрасонӣ (объектҳои арзиш)** – барои интихоби сегментҳои бозор, ки корхона дар он рақобат мекунад, ҳаётан муҳим аст;

• **Омилҳое, ки ба арзиш таъсир мерасонанд** – барои муайян кардани омилҳое, ки метавонанд арзиши фаъолиятро тағйир диҳанд.

Аз ABC ба ABM ва татбиқи онҳо дар амал

Гузариш аз ABC (барои баҳодиҳии фоиданокии маҳсулот) ба ABM (барои назорати умумии идоракунии бизнес ва дастгирии қабули қарорҳо) бо васеъшавии истифодаи ABC/M дар намудҳои гуногуни бизнес, ихтисосҳои функсионалӣ ва ҳамгироӣ бо дигар усулҳои нави идоракунӣ ва бухгалтерӣ пурра шуд.

Методологияҳои ABC ва ABM якҷоя асбобҳо ва заминаи дониш барои қабули қарорҳои асоснокро таъмин мекунанд - қабули қарорҳо оид ба нархгузорӣ, идоракунӣ ва беҳбудии маҳсулот ва хизматрасониҳо. Онҳо барои фаҳмидани пурраи динамикаи воқеии хароҷот ва сохтори хароҷоте, ки ба амалиёти бизнес марбутанд, истифода мешаванд. ABM дар якҷоягӣ бо принсипҳои ABC ба менеҷерон имкон медиҳад, ки беҳтар фаҳманд:

(a) фоиданокии маҳсулот ва муштарӣ,

(b) хароҷоти равандҳои бизнес, ва

(c) роҳҳои беҳбудии онҳо.

ABC ва ABM як континууми арзиш мебошанд. ABM истифодаи маълумоти ABC барои беҳтар идора кардани портфели маҳсулот ва равандҳои бизнес мебошад. ABC ба ABM табдил меёбад (идоракунӣ), вақте ки он барои истифода мешавад:

• таҳия кардани маҳсулот ва хизматрасониҳо, ки интизориҳои муштариёнро қонеъ мекунанд ва метавонанд бо фоида истеҳсол ва таҳвил шаванд;

• нишон додани ҷойҳое, ки ба беҳбудии доимӣ ё такрорӣ (реинжиниринг) ниёз доранд;

• роҳнамоӣ оид ба ассортимент ва қарорҳои сармоягузорӣ;

• интихоб байни таъминкунандагони алтернативӣ;

• музокирот бо муштариён оид ба нарх, хусусиятҳои маҳсулот, сифати хизматрасонӣ ва таҳвил;

• истифодаи равандҳои самаранок барои дистрибютсия ва хидматрасонӣ ба сегментҳои бозор;

• баланд бардоштани арзиши маҳсулот ва хизматрасониҳои корхона [9, с. 7].

Низомҳои ABC/ABM воситаҳои самараноки беҳбудии иҷроиши ширкатро дар бисёр ҷиҳатҳо таъмин мекунанд. Корхона метавонад қувваи ABC ва ABM-ро истифода барад, вақте ки шахсони дуруст ба маълумоти дуруст дар беҳтарин шакл дастрасӣ доранд.

Нақши менеҷерон ва мутахассисони бухгалтерӣ дар татбиқи ABC/ABM

«Дар солҳои охир баҳсҳои густурдаи илмӣ ва касбӣ дар бораи нақши тағйирёбандаи бухгалтерон, хусусан мутахассисони бухгалтерӣ, ҷараён доранд. Тағйирёбии васеъшудаи нақшҳо асосан ба гузариш аз тамаркуз ба коркарди рақамҳо ва нигоҳдории низоми ҳисобдорӣ ба нақши бештар ба самти бизнес равона шудааст» [10, с. 240].

Мутахассисони соҳаи муҳосибот метавонанд нақши муҳим дар таҳияи низоми ABC дошта бошанд. Онҳо метавонанд муайян кунанд, ки барои таҳлил чӣ мувофиқ аст (маҳсулот, муштарӣ, раванд ва ғ.), камбудиҳои низоми мавҷударо шарҳ диҳанд ва методикаи тақсимоти хароҷотро пешниҳод кунанд.

Татбиқи ABC/ABM бояд бо раванди самараноки идоракунии тағйирот ҳамроҳ

бошад. Ҳадафи ин раванд дастгирии низомӣ дар тамоми сатҳҳои корхона мебошад. Он инчунин иборат аст аз ҳозир будани менеҷери сатҳи олӣ, ки ташаббусро пуштибонӣ кунад, ва тасдиқи менеҷерони сатҳи поёнӣ.

Низомҳои иттилоотии корхона низ нақши муҳим доранд. Ин низомҳо бояд маълумотро пешниҳод кунанд, ки натиҷаҳоро чен мекунанд. Дар маҷмӯъ, онҳо бояд маълумоти ҳамаи объектҳои хароҷот ва драйверҳои хароҷотро дар бар гиранд.

Муносибати самаранок дар тамоми сатҳҳои корхона муҳим аст. Корхона бояд аз камбудиҳои низоми мавҷуда, таъсири он ба қабули қарорҳо, чӣ тавр принсипҳои АВС метавонанд маълумоти бештар мувофиқ фароҳам оранд ва таъсири низоми ба баҳогузорӣ ва подош ба кормандон хабар диҳад.

Пас аз раванд ва муошарати самаранок, нақши муҳосиб аз ҳисобдор ва назоратгар ба маслиҳатгари фаъол ва шарики бизнес табдил меёбад [11, с. 217].

Хулоса. Натиҷаи асосии ин мақола чунин аст, ки адабиёт ва таҷриба нишон медиҳанд, ки истифодаи АВС ва АВМ натиҷаҳои гуногун дорад. Муваффақияти татбиқи АВС/АВМ дар ҳар як корхона ба таври фарқкунанда сурат мегирад ва ҳамеша бо як роҳи ягона анҷом намеёбад. АВС/АВМ, ки бо назардошти стратегия, сохтор, имкониятҳо ва ниёзҳои хоси ширкат таҳия шудааст, як консепсия ва низомест, ки ба таври умумӣ муфид буда, метавонад шаклҳо ва вариантҳои гуногун дошта бошад. Маълумоти АВС/АВМ бояд ба ниёзҳои шахсоне, ки қарор қабул мекунанд, ҷавобгӯ бошад ва кӯшишҳои онҳоро барои эҷоди арзиш барои ҳамаи манфиатдорон дастгирӣ кунад.

Мо бо андешаи Аткинсон Э.А. ва дигарон розӣ ҳастем, ки барои татбиқи муваффақонаи АВС ва АВМ бояд масоили зерин ба назар гирифта шаванд:

1. **Пуштибонии роҳбарони баландпоя** - роҳбарони олӣ бояд пурра бо принсипҳои АВС/АВМ ошно бошанд, ба раванд содиқ бошанд ва дар масъалаҳои стратегӣ ва амалӣ машварат диҳанд;
2. **Омӯзиш ва татбиқ** - тавассути донишгоҳҳо, муҳаққиқон ва омӯзгорон бо семинарҳо ва амалияҳо;
3. **Маълумот ва омӯзиши кормандон** - ошно кардани ҳамаи кормандон бо принсипҳо, имкониятҳо, мақсадҳо ва вазифаҳои АВС/АВМ;
4. **Таҳлил ва мониторинги фаъолиятҳои калидӣ** - таъмини он, ки натиҷаҳои татбиқ дар қабули қарорҳо истифода мешаванд.

Бар асоси адабиёт, ширкатҳо АВС/АВМ-ро бо натиҷаҳои гуногун истифода мебаранд, ки нишон медиҳад, барои истифодаи муваффақонааш бояд бо усулҳо ва воситаҳои нав огоҳӣ пайдо кард ва фикри идоракунии худро тағйир дод. Ҳадафи роҳбарон бояд таҳлил бошад, на назорат, ва маълумоти молиявӣ ва ғайримолиявӣ бояд равандҳоро дар корхонае, ки ба муштарӣ ва равандҳо нигаронида шудааст, дастгирӣ кунад. Муайянкунии қобилият, ченкунии он ва беҳтар кардани тавоноии корхона барои эҷоди арзиш бояд ҳамчун омиле барои таҳияи низомҳои иттилоотӣ ва қарорҳои мувофиқ хизмат кунад. Ба даст овардани ин ҳадаф асоси низоми АВС/АВМ мебошад.

Бо вуҷуди ин, ҳатто беҳтарин низом бефоида аст, агар касе намедонад, ки маълумотро чӣ тавр истифода барад. Ҳамон қадар муҳим аст, ки низом ба таври назариявӣ асоснок ва дуруст дастгирӣ карда шавад, ҳамон қадар муҳим аст:

1. Омӯзиши роҳбарон оид ба консепсия ва истифодаи АВС/АВМ;
2. Таъмини ҳисоботҳое, ки на танҳо муфид, балки фаҳмо бошанд;
3. Муҳимияти маълумоти АВС.

Шубҳаҳои техникӣ дар бораи АВС/АВМ, истилоҳот, усулҳо ва истифодаи он вуҷуд доранд ва фарқ мекунанд. Ҳатто созандагони АВС савол мекунанд, ки оё АВС хароҷоти мувофиқ барои қабули қарорҳоро фароҳам меорад ва оё раванд аз ҳад зиёд хароҷотӣ нест. Бо вуҷуди ин, фоидаҳои татбиқи АВС/АВМ бештаранд.

Бо назардошти суръати афзояндаи инноватсияҳои технологӣ, ҷаҳонишавӣ ва рақобати шадид, корхонаҳои тамоми ҷаҳон ва ҳамаи соҳаҳои саноат танҳо тавассути

диққат ба воситаҳо ва усулҳои муосири муҳосиботи идоракунӣ, ба монанди ҷуфти ABC/ABM, метавонанд ба ниёзҳои ҷаҳони тағйирёбанда мутобиқ шаванд.

Асолати матн 75,75 % -ро ташкил медиҳад

Руйхати адабиёти истифодашуда

1. Аткинсон Э.А., Банкер Р.Д., Каплан Р.С., Янг М.С. Управленческий учет, 3-издание: Пер. с англ. - М.: Издательский дом «Вильямс», 2005 - с: ил. – 874 с.

2. Друри К. Управленческий и производственный учет: учебник. /Пер. с англ. В.Н. Егорова. М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2002.- 1071 с.

3. Ивлев, В. А. ABC/ABM/ABB. Методы и системы / В. А. Ивлев, Т. В. Попова; В. А. Ивлев, Т. В. Попова ; 1С. консалтинг. – Москва : 1С-Паблишинг, 2004. – 191 с.

4. Мирзоалиев А.А., Низомов С.Ф. Сравнительный анализ традиционной и функциональной калькулировании себестоимости / А.А. Мирзоалиев, С.Ф. Низомов // Устойчивое развитие инновационной экономики в Таджикистане и Польше / Материалы научно-практической дистанционной конференции 23-24 декабря 2016г. – Душанбе: Сумани кудрат, 2016- 356с.- С. 37-45.

5. Мирзоалиев, Е. А. Использование ABC - калькулирования расходов для управления негосударственными учебными заведениями: проблемы и перспективы / Е. А. Мирзоалиев // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2019. – № 4(29). – С. 103-110.

6. Низомов, С. Ф. Баҳисобгирии идоракунӣ / С. Ф. Низомов, А. А. Мирзоалиев, С. Х. Раҳимов. – Душанбе : Ирфон, 2017. – 324 с.

7. Низомов, С. Ф. Развитие организационно-методических аспектов функционального калькулирования затрат / С. Ф. Низомов, С. И. Содиков, А. А. Мирзоалиев // Ученые записки Худжандского государственного университета им. академика Б. Гафурова. Серия: Естественные и экономические науки. – 2018. – № 2(45). – С. 164-176.

8. Низомов, С. Ф. Современное состояние и перспективы развития управленческого учета в энергетическом секторе путем внедрения метода ABC / С. Ф. Низомов, Ш. Н. Бобоев // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2020. – № 2(70). – С. 62-71.

9. Шангина, Е. И. Системный подход к анализу бизнес-процессов на предприятии с использованием методов ABC, ABB, ABM / Е. И. Шангина, В. М. Кормышев // Цифровые модели и решения. – 2022. – Т. 1, № 3. – С. 7.

10. Шелкоплясова, Н. И. Методы управленческого учета: недостатки и достоинства / Н. И. Шелкоплясова // Вестник Тульского филиала Финуниверситета. – 2016. – № 1. – С. 239-241.

11. Хочикосими, М. Х. Выбор метода распределения расходов в системе ABC / М. Х. Хочикосими, С. Ф. Низомов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2014. – № 2/5(141). – С. 216-219.

МАСЪАЛАҲОИ ТАТБИҚИ ҲИСОБКУНИИ АРЗИШИ АСЛӢ ДАР АСОСИ НАМУДҲОИ ФАЪОЛИЯТ (ABC) ВА ИДОРАКУНӢ ДАР АСОСИ НАМУДҲОИ ФАЪОЛИЯТ (ABM)

Тарафдорони низомҳои ABC/ABM изҳор медоранд, ки низомҳои анъанавии муҳосибии идоракунӣ дар муҳити муосири тиҷоратӣ, ки пуртаҳаввул, босуръат ва зудтағйирёбанда аст, боис мешаванд, ки арзишҳо нодуруст ва гумроҳкунанда ҳисоб карда шаванд. Ворид кардани низомҳои ABC/ABM метавонад ин вазъиятро ислоҳ намояд. Аз ҳамин сабаб, ҳисоби арзишҳо дар асоси фаъолият (ABC) ва идоракунӣ дар асоси фаъолият (ABM) ба унсури баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва самаранокӣ дар ҳар як корхона табдил ёфтаанд.

Ҳадафи ин мақола - пас аз таҳлили адабиёти мавҷудбуда дар ин соҳа - таъкид намудани он аст, ки низомҳои нави ҳисоби арзишҳо, ба мисли ABC ва ABM, метавонанд ҷуфти боэътимоде гарданд, ки рақобатпазирӣ ва самаранокии ҳар як ширкатро таъмин намоянд. Ҳадафи дигар он аст, ки нишон дода шавад: бо вуҷуди баъзе камбудиҳо, ширкатҳо низомҳои ABC/ABM-ро қорӣ мекунанд, зеро онҳо имконияти пайгирии саҳеҳи хароҷот, тақсими одилонаи хароҷоти ғайримустақимро бар объектҳо, гузаронидани таҳлили молиявӣ ва ғайримолиявиро фароҳам сохта, инчунин дар раванди қабули қарорҳо барои менеҷерон ва муҳосибони идоракунӣ муфид мебошанд.

Калидвожаҳо: ABC, ABM, раванди татбиқ, фоиданокӣ, арзиши аслӣ, хароҷот, раванди бизнес, фоида.

ПРОБЛЕМЫ ВНЕДРЕНИЯ КАЛЬКУЛЯЦИИ СЕБЕСТОИМОСТИ НА ОСНОВЕ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ (ABC) И УПРАВЛЕНИЯ НА ОСНОВЕ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ (ABM)

Сторонники систем ABC/ABM утверждают, что традиционные системы управленческого учета в современной динамичной, быстро меняющейся и стремительно развивающейся деловой среде приводят к неточным и вводящим в заблуждение оценкам затрат. Внедрение систем ABC/ABM может исправить эту ситуацию. По этой причине учет затрат на основе деятельности (ABC) и управление на основе деятельности (ABM) стали элементом повышения конкурентоспособности и эффективности любого предприятия.

Цель данной статьи – после анализа существующей литературы в этой области – подчеркнуть, что новые системы учета затрат, такие как ABC и ABM, могут стать надежной парой, обеспечивающей конкурентоспособность и эффективность любой компании. Еще одна цель — показать, что, несмотря на некоторые недостатки, компании внедряют системы ABC/ABM, поскольку они предоставляют возможность точно отслеживать затраты, справедливо распределять косвенные затраты по объектам, проводить финансовый и нефинансовый анализ, а также полезны в процессе принятия решений для менеджеров и бухгалтеров-аналитиков.

Ключевые слова: ABC, ABM, процесс внедрения, рентабельность, затраты, бизнес-процесс, прибыль.

CHALLENGES IN IMPLEMENTING ACTIVITY-BASED COSTING (ABC) AND ACTIVITY-BASED MANAGEMENT (ABM)

Proponents of ABC/ABM systems argue that traditional management accounting systems in today's dynamic, rapidly changing, and rapidly evolving business environment lead to inaccurate and misleading cost estimates. Implementing ABC/ABM systems can rectify this situation. For this reason, activity-based costing (ABC) and activity-based management (ABM) have become essential for improving the competitiveness and efficiency of any enterprise.

The purpose of this article, after reviewing existing literature in this area, is to emphasize that new cost accounting systems such as ABC and ABM can be a reliable partner, ensuring the competitiveness and efficiency of any company. Another goal is to demonstrate that, despite some shortcomings, companies implement ABC/ABM systems because they provide the ability to accurately track costs, fairly allocate indirect costs across assets, conduct financial and non-financial analysis, and are useful in decision-making for managers and accounting analysts.

Keywords: ABC, ABM, implementation process, profitability, costs, business process, profit.

Маълумот дар бораи муаллиф: Бобоев Шарафҷон Ниёзмадович –Доктор PhD, и.в. дотсенти кафедраи кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Телефон: (+992) 934444628, E-mail: bobosh-85@mail.ru

Сведения об авторе: Бобоев Шарафджон Ниёзмадович –Доктор PhD, и.о. доцента кафедры бухгалтерского учета и аудита Таджикский государственный университет коммерции. Телефон: (+992) 934444628, E-mail: bobosh-85@mail.ru

About the author: Boboev Sharafjon Niyozmadovich – Doctor of PhD, Acting Associate Professor of the Department of Accounting and Auditing, Tajik State University of Commerce. Phone: (+992) 934444628, E-mail: bobosh-85@mail.ru

УДК 657.6

Борисов А.С.

МЕТОДИКА ДИАГНОСТИКИ ПРЕДПРИЯТИЙ АГРОБИЗНЕСА НА ОСНОВЕ KPI-КОНТУРА

В научной литературе выделяются два основных подхода к оценке ресурсного потенциала предприятий: ресурсный и результативный. Ресурсный подход, сформировавшийся в 70–80-х годах XX века, рассматривает потенциал как совокупность доступных ресурсов. Результативный подход, получивший распространение с конца 80-х годов, акцентирует внимание на способности достигать определенных результатов за счет эффективного использования этих ресурсов. Оба упомянутых подхода подробно раскрываются в работах Горбатовского А.В., Шварацкого В.В., Васюк А.В. [3], Подкопаева В. В. [6], Смирновой Т. Г., Селяковой С.А., Кожиной Е.Н. [10], Голубевой А.И. [2], Смагина Б.И. [8;9].

Современные исследования в области оценки ресурсного потенциала аграрного сектора представлены работами целого ряда авторов, предлагающих различные методические подходы. В частности, Волкова Е.В. [1], Кабаненко М.Н., Колычева Ж.Я. и Мурадова С.Ш. [4], в своих трудах акцентируют внимание на важность комплексного подхода к оценке экономического потенциала предприятий АПК,. В свою очередь, Храмченкова А.О., Иванюга Т.В. [12] предлагают использование множественного корреляционно-регрессионного анализа для оценки текущего состояния ресурсов и анализа существующих взаимосвязей между элементами потенциала. Хоружий Л.И., Трясцина Н.Ю., Хоружий В.И. [11] предлагают методику сравнительной комплексной оценки осуществлять на основе анализа показателей производства сельскохозяйственной продукции. Кругляк В.Р. [5] дополнил традиционные подходы оценкой экологических и социальных аспектов. Самоходец М.П. [7] предложил оригинальную методику агрегированной оценки финансового потенциала, сочетающую онтологическое моделирование и методы экспертных оценок.

Несмотря на многообразие методов, единый универсальный подход к оценке ресурсного потенциала агробизнеса пока не сформирован. Каждая методика имеет свои преимущества и ограничения, что подчеркивает необходимость их комбинирования и адаптации к конкретным условиям сельских территорий. Поэтому предлагается систематизация подходов и методов диагностики предприятий агробизнеса, позволяющих комплексно и достоверно оценивать его состояние, а также разрабатывать перспективы развития для принятия обоснованных управленческих решений, направленных на повышение эффективности использования ресурсов и устойчивое развитие сельских территорий. Разработку учетно-аналитической системы можно сформировать с учетом синхронизации деятельности предприятий агробизнеса со стратегическими KPI (ключевые показатели эффективности), чтобы выявлять неэффективные агротехнологии. Включенные в KPI-контур показатели охватывают последовательные технологические переделы агропромышленного предприятия: от первичного

производства до финансового результата. Показатели в группе агротехнологий (урожайность, качество зерна, потери) непосредственно характеризуют биоклиматическую и технологическую результативность, служа основой для валового выхода продукции. Ключевые параметры животноводства, такие как конверсия корма и межотельный интервал, отражают интенсивность и биологическую эффективность использования поголовья, трансформируя продукцию растениеводства в товарное животноводческое сырье. Логистические и финансовые индикаторы, включая оборачиваемость запасов и маржу по переделам, обеспечивают оценку эффективности управления материальными и денежными потоками, закрывая цепочку создания стоимости и выявляя узкие места в операционной и финансовой устойчивости предприятия. К показателям контура отнесем следующие группы:

а) агротехнологии – урожайность по полям и гибридам, влага, протеин, потери на уборке;

б) показатели животноводства – конверсия корма, падёж, удой, межотельный интервал;

в) показатели логистики – оборачиваемость МПЗ, простои техники, плечо и время доставки; финансовые – маржа по переделам, отклонения по статьям затрат, кассовые разрывы.

В результате учетно-аналитическое сопровождение превращается в механизм управляемой эффективности, где регистры, отчёты и витрины данных подкрепляют конкретные управленческие решения: снижать себестоимость, выравнивать денежные разрывы, ускорять оборот капитала, защищать маржу. Учетно-аналитическое сопровождение трансформируется в механизм управленческой эффективности через реинжиниринг информационных потоков, при котором первичные данные консолидируются в интегрированные регистры. На их основе формируются аналитические отчеты и визуальные дашборды, выявляющие причинно-следственные связи между операционной деятельностью и финансовыми результатами. Эти инструменты обеспечивают превентивный и обоснованный характер управленческих решений, направляя воздействие на ключевые драйверы стоимости. В результате система позволяет целенаправленно воздействовать на операционные параметры, что непосредственно реализуется в конкретных управленческих действиях по контролю себестоимости, оптимизации ликвидности, интенсификации оборачиваемости активов и защите рентабельности. Так формируется исследовательская потребность, заключающаяся в создании прикладной методологии учетно-аналитического сопровождения эффективного агробизнеса, специфика которой учитывает требования федеральных стандартов учёта, стратегические и программные ориентиры отрасли, а также цифровую инфраструктуру данных.

В условиях растущей сложности и интегрированности агробизнеса управление на основе разрозненных функциональных показателей становится неэффективным. Предлагаемая модель KPI-контура основана на принципе стоимостного драйвинга и представляет собой многоуровневую систему, где операционные показатели нижнего уровня являются детерминантами финансовых результатов верхнего. Ее цель – трансформировать операционные данные в экономически интерпретируемые решения, обеспечивая сквозную прозрачность и координацию между технологическими подразделениями и финансовым блоком.

Концептуальной основой модели является представление предприятия как цепи последовательных и параллельных трансформаций стоимости: ресурсы (семена, корма) > биологический рост (урожай, привес) > логистический актив (сырье на складе) > товарная продукция > денежный поток. KPI-контур строится вокруг трех взаимосвязанных осей: эффективности биоконверсии (растениеводство,

животноводство), эффективности физического потока (логистика) и эффективности финансовой трансформации (таблица).

Таблица 1. – Матрица причинно-следственных взаимосвязей ключевых KPI

Целевой ориентир	Ключевые операционные драйверы (KPI)	Механизм влияния и экономическая логика
Маржа растениеводства (руб./га)	Урожайность по гибридам (ц/га); Содержание протеина (%); Потери на уборке (%)	Прямое влияние на объем и качество (цену) реализуемой продукции. Высокий протеин может давать ценовую премию, компенсируя умеренную урожайность. Потери - прямые убытки от невозврата понесенных затрат.
	Запас продуктивной влаги (мм)	Косвенный драйвер, определяющий потенциал урожайности и необходимость орошения, влияя на статью затрат «водоснабжение».
Маржа животноводства (руб./гол)	Конверсия корма (FCR); Удой на корову (л)	Определяют объем продукции на единицу наиболее крупной статьи затрат - кормов. Улучшение конверсии напрямую снижает себестоимость килограмма привеса или литра молока.
	Межотельный интервал (дни); Продуктивный падёж (%)	Влияют на эффективность воспроизводства стада и амортизацию постоянных затрат на содержание. Удлиненный интервал увеличивает непродуктивный период, падёж ведет к потере будущих доходов.
Оборачиваемость оборотного капитала (дни)	Оборачиваемость МПЗ (дни): семена, СЗР, корма, готовая продукция	Длительный цикл оборачиваемости иммобилизует денежные средства, увеличивая потребность в кредитах и риск порчи
	Простои уборочной/кормораздаточной техники (%); Время доставки «поле-склад» (ч)	Простои снижают пропускную способность, увеличивая «окно» уборки или кормления, что может привести к потерям качества и требует большего парка техники.
Отклонение фактических затрат от плановых (руб.)	Все операционные KPI агро- и животноводческого блоков	Любое отклонение операционных показателей (снижение урожая, рост расхода кормов) автоматически генерирует негативное отклонение по статьям переменных затрат.
Прогноз и ликвидация кассовых разрывов	График полевых работ и уборки; Плечо доставки (км); Цикл «производство-реализация»	Позволяет строить точный денежный прогноз. Длинное плечо доставки и сезонность создают лаг между страхованием затрат и поступлением выручки, формируя разрыв. Синхронизация логистики с производственными циклами критична для его сглаживания.

Модель предполагает внедрение единой цифровой платформы, куда стекаются данные с датчиков мониторинга почвы, систем контроля расхода кормов, телематики транспорта и управленческого учета. Платформа в режиме, близком к реальному времени, рассчитывает не только значения KPI, но и коэффициенты

эластичности – насколько изменение операционного показателя (например, конверсии корма на 0,1) повлияет на целевую маржу.

Управленческая ценность контура заключается в переходе от контроля к координации и предикции. Агроном, выбирая позднеспелый, но высокопротеиновый гибрид, видит не только прогноз урожайности, но и расчетное влияние на график логистики (пик нагрузки) и маржу с учетом возможной ценовой премии. Снижение запаса влаги ниже критического порога автоматически инициирует не только сигнал для агронома, но и пересчет финансового прогноза с учетом риска потери урожая и необходимости дополнительного финансирования. Система мотивации менеджеров строится на связанных метриках. Например, бонус логистической службы может зависеть от KPI «время доставки» только в увязке с показателем «потери при транспортировке» и конечной маржой передела, что исключает оптимизацию одного показателя в ущерб общему результату.

Таким образом, KPI-контур трансформирует агробизнес из набора функциональных зон в целостную стоимостно-ориентированную экосистему, где каждое технологическое действие имеет четкий финансовый эквивалент, а управление строится на предсказании и максимизации денежного потока, а не на констатации прошлых результатов

Оригинальность текста составляет 86,08 %

Список использованных источников

1. Волкова Е. В. Методологические подходы к определению понятия «экономический потенциал предприятий АПК» // Проблемы экономики. – 2016. – № 1(22). – С. 12-21.
2. Голубева А. И., Дорохова В. И., Коновалов А. В., Шуматбаева Ю. В., Павлов К. В. Экономический потенциал и эффективность его использования в сельскохозяйственных предприятиях региона // Вестник АПК Верхневолжья. – 2020. – № 1(49). – С. 59-67.
3. Горбатовский А. В., Шварацкий В. В., Васюк А. В. Сущность и структура производственно-экономического потенциала животноводства // Экономические вопросы развития сельского хозяйства Беларуси. – 2020. – № 48. – С. 70-83.
Сведения об авторе: Мирзоалиев Ёкубджон Абдувохидович - докторант PhD кафедры бухгалтерского учета и аудита Таджикского государственного университета коммерции. Адрес: 734061, Республика Таджикистан, город Душанбе, ул. Дехоти 1/2 Телефон: (+992) 934017181, E-mail: yokubjon93@inbox.ru.

Маълумот дар бораи муаллиф: Мирзоалиев Ёқубҷон Абдувоҳидович — докторанти кафедраи баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, Деҳотӣ 1/2Телефон: (+992) 934017181, E-mail: yokubjon93@inbox.ru.

Information about the author: Mirzoaliev Yokubjon Abduvokhidovich - PhD student of the Department of Accounting and Auditing of the Tajik State University of Commerce. Address: 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, st. Dekhoti 1/2 Phone: (+992) 934017181, E-mail: yokubjon93@inbox.ru.

УДК 658.15

Мухаммадиева Р.С., Низомов С.Ф.

ОСОБЕННОСТИ ОРГАНИЗАЦИИ АУДИТА ПРИБЫЛИ ПРЕДПРИЯТИЯ И ЕГО МЕТОДЫ

Постановка проблемы в общем виде и ее связь с важными научными или практическими задачами. Аудит – системный процесс получения (сбора) информации об экономических действиях и событиях с целью установления уровня ее соответствия определенным (установленным) критериям и представлению результатов заинтересованным пользователям. в конечном счете аудит представляет собой достаточно высокую форму организации и реализации экономических идей [1, с. 38].

Аудит как важная составная часть независимого экономического контроля выявляет и раскрывает новые возможности предпринимательской деятельности, определяет ее эффективность и соответствие действующему законодательству, правовым документам и нормативным актам, исследует организацию производства, планирование, сохранение финансовых ресурсов, соблюдение технологической и трудовой дисциплины, качество выпущенных операций, учета и отчетности внутри предприятия для нужд отдельных пользователей.

Анализ последних исследований и публикаций, в которых начато решение данной проблемы и на которые опираются авторы. Исследованию данной темы в области учета, аудита и анализа посвящены многие работы отечественных и зарубежных ученых, таких как Хушвахтзода К.Х., Низомов С.Ф., Мирзоалиев А.А., Рахимов Г.М., Бадалов Х.Х., Садыков С.И., Шобеков М. и др. Однако представляют значительный интерес методические и практические подходы к организации учета и аудита формирования и использования прибыли предприятия в контексте аудита учетно-аналитической информации с целью формирования мнения независимого контроля.

Выделение нерешенных ранее частей общей проблемы, которым посвящается данная статья. Вклад исследователей в теорию аудита значителен, однако основные этапы организации и методики аудита прибыли у разных авторов нередко отличаются, что свидетельствует о необходимости сбора и обработки информации, позволяющей сделать выводы и высказать мнение аудитора о полноте и достоверности финансовой отчетности предприятия.

Формулировка целей статьи (постановка задачи). Целью аудита финансовой отчетности является освещение аудитором заключения о том, соответствует ли финансовая отчетность во всех существенных аспектах инструкциям, регламентирующим порядок подготовки и представления финансовых отчетов. По результатам аудита составляется аудиторское заключение о реальном финансовом состоянии предприятия [1, с. 219]. Следовательно, целью проведения аудита является составление аудиторского заключения о финансовом состоянии проверяемого субъекта, где основным показателем является прибыль предприятия.

Изложение основного материала исследования с полным обоснованием полученных научных результатов. Аудит финансовых результатов предприятия является одной из важнейших мер по обеспечению достоверности учета и отчетности о финансовых результатах [2; 3].

Целью аудита прибыли предприятия является высказывание аудитором независимого профессионального мнения по поводу правильности отражения в отчетности предприятия информации о финансовых результатах деятельности предприятия [3, с. 86].

Критерием оценки во время аудита данного участка будет выступать документ, определяющий методические основы формирования в учете информации о финансовых результатах предприятия, а именно МСФО (IFRS) 18 «Представление и раскрытие информации в финансовой отчетности» [4]. Применение МСФО связано с тем, что в Республике Таджикистан отныне только эти стандарты являются нормативной базой организации учета и отчетности для всех предприятий без исключения. Даже малые и средние предприятия обязаны организовать бухгалтерский учет и составлять финансовую отчетность на основе требований МСФО для малого и среднего бизнеса.

Ввиду этого, основными задачами аудита прибыли являются:

– проверка финансовой отчетности, расчетов, деклараций и других документов для установления их достоверности и соответствия осуществленным хозяйственным и финансовым операциям действующему законодательству, контроль соблюдения действующего законодательства финансовых результатов;

– установление полноты отражения прибыли предприятия на счетах бухгалтерского учета и финансовой отчетности;

– проверка законности и правильности формирования прибыли предприятия;

– установление соответствия определения прибыли принятой на предприятии учетной политике;

– проверка правильности оценки в бухгалтерском учете доходов и расходов по определению финансовых результатов;

– проверка правильности учета операций, приведших к возникновению финансовых результатов;

– проверка правильности отражения в учете списания убытков прошлых периодов, долгосрочной дебиторской задолженности;

– установление соблюдения предприятием за пределы отчетного периода;

– выявление и предупреждение (профилактика) нарушений в финансово-хозяйственной деятельности предприятий;

– оценка эффективности внутреннего контроля;

– предоставление консультационных услуг по вопросам учета, анализа, права, менеджмента, маркетинга, финансов и т.д.

Объекты аудита – финансовые результаты предприятия (прибыли или убытки), операции, связанные с их формированием.

Как указывают исследователи, источниками информации аудита прибыли предприятия являются:

– требования нормативных документов, регулирующих учет финансовых результатов;

– приказ об учетной политике;

– учредительные документы;

– первичные документы по учету производственных затрат, расходов деятельности, доходов и финансовых результатов;

– регистры синтетического и аналитического учета по счетам седьмого и девятого классов;

– форма 1 - Отчет о финансовом состоянии (годовой и квартальный);

– форма 2 - Отчет о совокупном доходе – (раздел 1 содержит информацию о доходах и расходах предприятия с точки зрения собственника предприятия; раздел II дает информацию о совокупном доходе; раздел III дает анализ структуры затрат на производство, управление и сбыт по элементам операционных расходов; раздел IV формируется только акционерными обществами и содержит информацию о доходности акций);

– примечания к финансовой отчетности, где приводится (раскрывается) следующая информация:

а) учетная политика по признанию дохода, включая способ определения степени завершенности работ, услуг, доход от выполнения и предоставления которых признается по степени завершенности;

б) распределение дохода по каждой группе доходов согласно МСФО (IFRS) 18 [4];

в) сумма дохода по бартерным контрактам в распределении по группам доходов в соответствии с МСФО (IFRS) 18 [4];

г) доля дохода по бартерным контрактам со связанными сторонами;

д) состав и сумма расходов, отраженных в статьях «прочие операционные расходы» и «прочие расходы» отчета о финансовых результатах согласно МСФО (IFRS) 18;

е) состав и сумма расходов, которые не включены в статьи расходов отчета о финансовых результатах, а отражены непосредственно в составе собственного капитала (кроме изъятия капитала и распределения между собственниками) [5];

– материалы предварительных аудиторских проверок и других форм контроля.

На этапе ознакомления аудитор должен установить основные виды выпускаемой предприятием продукции, ее качество, сопутствующую продукцию, ее использование.

Стратегия проведения аудита доходов разрабатывается исходя из норм МСА 300 «Планирование аудита». На подготовительной стадии аудита оценивается система внутреннего контроля компании [7].

Каждый методический прием в свою очередь основывается на определенных аудиторских процедурах, представляющих систему методических действий аудитора на

объект исследования. в этом случае в качестве процедур, соответствующих выбранным методическим приемам аудита, целесообразно применять нормативно-правовые, счетно-вычислительные, логические, опросы, сравнительно-сопоставительные и обобщения.

Для принятия решения о методе организации аудиторской проверки формирования и использования прибыли предприятия аудитору необходимо провести тестирование системы внутреннего контроля и бухгалтерского учета и установить, или:

– определяются в приказе об учетной политике расходы, списываемые на производство, в соответствии с МСФО;

– не изменялась в течение отчетного периода учетная политика по определению затрат на производство и себестоимости продукции;

– соблюдают на предприятии требования, установленные приказом об учетной политике.

При проверке финансовых результатов аудитор должен руководствоваться МСФО (IFRS) 15 «Выручка по договорам с покупателями», где отражен порядок формирования информации о доходах предприятия и его раскрытия в финансовой отчетности и МСФО (IFRS) 18 [4], где изложены основные требования к признанию, составу и оценке расходов по результатам отчета, раскрытие информации о расходах по финансовой отчетности [4].

Согласно МСФО (IFRS) 18, расходами признаются те из них, которые либо уменьшают активы (например, расход сырья, материалов и т.п.), либо увеличивают обязательства (например, начисленная заработная плата, стоимость услуг по операционной аренде и т.п.). Еще одним из условий признания расходов является отражение его в бухгалтерском учете одновременно с доходами, для получения которых осуществлены эти расходы.

Проверка правильности классификации доходов и расходов по видам деятельности предполагает детальное изучение приказа об учетной политике и сравнение их в части порядка формирования финансовых результатов с нормами действующего законодательства.

В производственную себестоимость изготовленной продукции (работ, услуг), согласно нормам МСФО (IFRS) 18, входят затраты на материалы, оплату труда и другие прямые затраты, непосредственно можно отнести на конкретный вид продукции (работ, услуг) или вид деятельности.

Общепроизводственные издержки делятся на переменные (зависящие от размера производства) и неизменные (сумма которых не зависит от размера производства). согласно МСФО, перечень и состав переменных и постоянных общепроизводственных расходов предприятия определяют самостоятельно (с отражением их в учетной политике). распределение общепроизводственных расходов на переменные и постоянные, в том числе на распределенные и нераспределенные постоянные, осуществляется согласно МСФО [5].

Международной практикой управленческого учета установлено, что себестоимость реализованной продукции (работ, услуг) состоит из:

– производственной себестоимости реализуемой в отчетном периоде продукции (работ, услуг);

– нераспределенных постоянных общепроизводственных расходов;

– сверхнормативных производственных затрат.

Типовые правила калькулирования себестоимости продукции(работ, услуг), утвержденное Постановлением Правительства Республики Таджикистан от 28 октября 2023г, №505 в общих чертах определяют::

– методы учета затрат и калькулирования производственной себестоимости продукции;

– учет во вспомогательных (подсобных) производствах, цехах, калькулирование продукции (работ, услуг) вспомогательных предприятий и списание этой продукции (работ, услуг) на производство основной продукции;

– учет незавершенного производства;

– затраты, не входящие в себестоимость реализованной продукции (товаров, работ, услуг);

– порядок определения цены и рентабельности производства продукции.

Согласно МСФО (IFRS) 15 «Выручка по договорам с покупателями», признанные доходы классифицируются в бухгалтерском учете по следующим группам:

– доход (выручка) от реализации продукции (товаров, работ, услуг);

– чистый доход от реализации продукции (товаров, работ, услуг);

– другие операционные доходы;

– финансовые доходы;

– другие доходы.

Доход (выручка) от реализации продукции (товаров, работ, услуг) – общий доход (выручка) от реализации продукции, товаров, работ или услуг без вычета предоставленных скидок, возврат ранее проданных товаров и косвенных налогов и сборов (налог на добавленную стоимость, акцизный сбор и т.п.).

Чистый доход от реализации продукции (товаров, работ, услуг) определяется путем вычета из дохода от реализации продукции, товаров, работ, услуг, предоставленных скидок, стоимости возвращенных ранее проданных товаров, доходов, по договорам принадлежащих комитентам (принципалам и т.п.), налогов и сборов.

В состав других операционных доходов включаются суммы прочих доходов от операционной деятельности предприятия, кроме чистого дохода от реализации продукции (товаров, работ, услуг), в частности: доход от операционной аренды активов; доход от операционных курсовых разниц; возмещение ранее списанных активов; доход от роялти, процентов, полученных на остатки средств на текущих счетах в банках, доход от реализации оборотных активов (кроме финансовых инвестиций), необоротных активов, удерживаемых для продажи, и группы выбытия и т.п.

В состав финансовых доходов включаются дивиденды, проценты и другие доходы, полученные от финансовых инвестиций (кроме доходов, учитываемых методом участия в капитале).

В состав других доходов, в частности, включаются доходы от реализации финансовых инвестиций; доход от неоперационных курсовых разниц и другие доходы, возникающие в процессе хозяйственной деятельности, но не связанные с операционной деятельностью предприятия.

Доход (выручка) от реализации продукции (товаров, других активов) признается при наличии всех нижеприведенных условий:

– покупателю переданы риски и выгоды, связанные с правом собственности на продукцию (товар, другой актив);

– предприятие не осуществляет в дальнейшем управление и контроль над реализуемой продукцией (товарами, другими активами);

– сумма дохода (выручка) может быть достоверно определена;

– есть уверенность, что в результате сделки произойдет увеличение экономических выгод предприятия, а затраты, связанные с этой операцией, могут быть достоверно определены[10, с. 286].

Если доход (выручка) от предоставления услуг не может быть достоверно определен, он отражается в бухгалтерском учете в размере определенных расходов, подлежащих возмещению.

Если доход (выручка) от предоставления услуг не может быть достоверно оценен и не существует вероятности возмещения расходов, то доход не признается, а расходы

признаются расходами отчетного периода. если в дальнейшем сумма дохода будет достоверно оценена, то доход признается такой оценкой [6].

Правильность формирования доходов и денежных результатов устанавливают методом выявления законности отражения издержек на создание. необходимость такой последовательности проверки обусловлена взаимосвязью отражения затрат, себестоимости, доходов и прибыли.

Анализ организации учета прибыли осуществляется путем установления соответствия нормативным требованиям счетов бухгалтерского учета, используемых предприятием для отображения информации о финансовых результатах, соответствия учетных регистров и т.п.

Чтобы составить объективное мнение относительно информации о затратах предприятия, выпуске продукции и ее себестоимости, аудитору необходимо осуществить:

– проверку наличия и правильности оформления первичных документов, служащих основанием для записей по формированию себестоимости продукции (работ, услуг);

– проверку правильности отнесения затрат в состав себестоимости в продукте (работ, услуг);

– оценку состояния синтетического и аналитического учета затрат на производство, входящих в себестоимость продукции (работ, услуг);

– проверку правильности оприходования готовой продукции;

– проверку полноты правильности и достоверности отражения операций по формированию себестоимости продукции (работ, услуг) в учете и отчетности;

– оценку правильности формирования себестоимости продукции (работ, услуг) по объектам калькулирования затрат;

– проверку правильности отражения в учете и отчетности себестоимости реализованной продукции;

– проверку организации учета формирования доходов, расходов и финансовых результатов;

– проверку порядка формирования активов;

– проверку порядка накопления затрат на производство готовой продукции;

– проверку правильности порядка расходования запасов (производственных запасов, готовой продукции, товаров) и списание их стоимости на производственные счета;

– проверку правильности отражения процесса реализации готовой продукции, услуг;

– проверку правильности формирования доходов и финансовых результатов.

При рассмотрении порядка организации учета формирования доходов и финансовых результатов обращается внимание на:

– установление, наличие и правильность ведения первичной документации учета формирования доходов и финансовых результатов;

– установление наличия и правильности ведения реестров документов по реализации готовой продукции, товаров, производственных запасов, работ и услуг (в случае безналичных расчетов) и материалов, работ и услуг (за наличные деньги);

– выявление накопления и правильности ведения сведений аналитического учета реализации продукции, материалов, работ и услуг;

– выявление наличия аналитических данных по учету счетов седьмого класса;

– выявление правильности ведения книг аналитического учета реализации продукции, материалов, работ и услуг, а также оборотных сведений;

– выявление правильности отображения данных доходов и финансовых результатов в журнале-ордере № 6 или машинограмм.

Формирование издержек связано с правильностью ценообразования активов и переноса их стоимости на производство. Далее необходимо рассмотреть:

– правильность принятия на бухгалтерский учет основных средств и начисления амортизации;

– правильность переоценки основных средств;

– правильность формирования первоначальной стоимости основных средств;

– правильность определения полезности основных средств;

– правильность изъятия из активов основных средств.

Правильность обобщения информации о финансовых результатах предприятия проверяется по данным счета 77000 «Свод доходов и расходов». по кредиту данного счета аудитор проверяет правильность отраженных сумм в порядке закрытия счетов учета доходов, по дебету – сумм в порядке закрытия счетов учета расходов, а также начисленного налога на прибыль.

При тяжелом финансовом положении предприятия целесообразно проводить аудит не только финансовых результатов его деятельности, а комплексную проверку всего предприятия для определения причин такого положения и эффективного поиска путей решения проблем.

Выводы из этого исследования и перспективы дальнейших исследований в данном направлении. Обосновано, что аудит финансовых результатов предприятия является одной из важнейших мер по обеспечению достоверности бухгалтерского учета и отчетности о финансовых результатах, поэтому аудиторская проверка представляется в виде определенной последовательности этапов, каждый из которых предусматривает совокупность осуществляемых аудитором процедур. Для достижения поставленных задач аудитору следует применять такие методические приемы, как документальные (исследования документов, приемы нормативно-правового регулирования), расчетно-аналитические и обобщения и реализации результатов аудита.

Рассмотренные основные аспекты организации аудита прибыли и его методы способствуют формированию мнения аудитора по отражению прибыли предприятия в финансовой отчетности предприятия, возможности оценки экономических выгод пользователям, связанным с деятельностью предприятия и разработке мер по росту прибыльности деятельности предприятия.

Оригинальность текста составляет 83,92 %

Список использованных источников

1. Аудит ва ибрози эътимод / С. Ф. Низомов, А. А. Мирзоалиев, М. В. Калемуллоев, С. Х. Раҳимов. – Душанбе: Мега-принт, 2020. – 364 с.

2. Мирзоалиев, А. А. Международные стандарты аудита и контроля качества в Таджикистане: вопросы внедрения / А. А. Мирзоалиев, Ш. С. Камолова // Современные направления теории и практики экономического анализа, бухгалтерского учёта, финансового менеджмента: Сборник материалов международной научной конференции, Новосибирск, 05–06 декабря 2017 года / Под редакцией Е.Н. Лищук, Е.И. Лерненко, Е.С. Еременко, В.А. Суровцевой, М.К. Чернякова, Л.П. Наговициной. Том Часть 1. – Новосибирск: Сибирский университет потребительской кооперации, 2017. – С. 132-138.

3. Мирзоалиев, А. А. Аудит финансовой отчетности: перспективы развития в Таджикистане/ А. А. Мирзоалиев, // Актуальные проблемы теории и практики бухгалтерского учета, анализа и аудита / Материалы XI Международной научно-практической конференции (22-23 октября 2023г., г. Душанбе). Под ред. к.э.н., доцента Мирзоалиева А.А. – Душанбе: ОИПБА РТ, 2023.- 210 с..- С. 85-88.

4. Международный стандарт финансовой отчетности (IFRS) 18 “Представление и раскрытие информации в финансовой отчетности”. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://www.ifrs.org/content/dam/ifrs/publications/pdf-standards/english/2025/issued/

part-a/ifrs-18-presentation-and-disclosure-in-financial-statements.pdf?bypass=on/ Дата обращения: 27.10.2025.

5. Рахимов, Г. М. Некоторые проблемы аудита в Таджикистане и пути их решения / Г. М. Рахимов, Х. Х. Бадалов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – № 2/5-2. – С. 106-112.

6. Рахимов, Г. М. Совершенствование процесса аудита посредством цифровых технологий / Г. М. Рахимов // Трансформация системы учетно-аналитического, финансового и контрольного обеспечения в условиях цифровизации экономики: Материалы национальной (всероссийской) научно-практической и методической конференции, Воронеж, 01 февраля 2022 года. – Воронеж: Воронежский государственный аграрный университет им. Императора Петра I, 2022. – С. 147-150.

7. Стандартҳои байналмилалии аудит / С. Ф. Низомов, Н. М. Собирзода, Ш. К. Бадалов, М. Зарринаи. – Душанбе: Донишгохи миллии Точикистон, 2024. – 304 с.

8. Туйчиев, Д. А. Аудит нераспределенной прибыли как составляющей собственного капитала / Д. А. Туйчиев, В. А. Грекова // Молодой ученый. – 2017. – № 17(151). – С. 389-391.

9. Шобеков, М. Развитие теории и истории счёта прибылей и убытков / М. Шобеков // Вестник Технологического университета Таджикистана. – 2022. – № 1(48). – С. 243-250.

10. Шобеков, М. Ш. Ҳисобгирии молиявӣ. Китоби дарсӣ / М. Ш. Шобеков, М. У. Бобоев, Т. Т. Ҷонбеков. – Душанбе : ҶДММ «Дақиқӣ», 2014. – 400 р.

ОСОБЕННОСТИ ОРГАНИЗАЦИИ АУДИТА ПРИБЫЛИ ПРЕДПРИЯТИЯ И ЕГО МЕТОДЫ

В статье рассмотрены особенности организации прибыли предприятия, определены цели и основные задачи аудита, исследована нормативная база по регулированию финансовых результатов(прибыли) предприятия в Таджикистане и определены основные источники информации аудита прибыли предприятия и методы аудита. Обобщены теоретические и методические подходы к определению прибыли предприятия в учете и аудите. Определены основные этапы аудита прибыли предприятия на отечественных предприятиях.

Ключевые слова: прибыль, финансовый результат, доход, затраты, аудит, бухгалтерский учет, налоговый учет.

ХУСУСИЯТҲОИ ТАШКИЛИ АУДИТИ ФОИДАИ КОРХОНА ВА УСУЛҲОИ ОН

Дар ин мақола хусусиятҳои ташкили фоиданокии корхона баррасӣ мешаванд, ҳадафҳо ва вазифаҳои асосии аудит муайян карда мешаванд, чаҳорчӯбаи меъёрии танзими натиҷаҳои молиявии корхона (фоида) дар Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад ва манбаъҳои асосии иттилоот барои аудитҳои фоиданокии корхона ва усулҳои аудит муайян карда мешаванд. Равишҳои назариявӣ ва методологӣ барои муайян кардани фоиданокии корхона дар баҳисобгирӣ ва аудит ҷамъбаст карда шудаанд. Марҳилаҳои асосии аудити фоиданокии корхона дар корхонаҳои ватанӣ муайян карда шудаанд.

Калидвожаҳо: фоида, натиҷаи молиявӣ, даромад, харочот, аудит, баҳисобгирӣ, баҳисобгирии андоз.

FEATURES OF ORGANIZING AN ENTERPRISE'S PROFIT AUDIT AND ITS METHODS

This article examines the features of organizing enterprise profitability, defines the goals and primary objectives of auditing, examines the regulatory framework for regulating enterprise financial results (profit) in Tajikistan, and identifies the main sources of information for enterprise profit audits and audit methods. Theoretical and methodological approaches to

determining enterprise profitability in accounting and auditing are summarized. The main stages of enterprise profit auditing at domestic enterprises are identified.

Keywords: profit, financial result, income, costs, audit, accounting, tax accounting.

Сведение об авторах: Мухамадиева Рухшона Саидалиевна – соискатель кафедры экономического анализа и аудита Таджикского национального университета. Душанбе, Республика Таджикистан. тел. (+992) 939319999. E-mail: r.m.sh@mail.ru; Низомов Самариддин Фахриевич - доктор экономических наук, профессор, Таджикский национальный университет, профессор кафедры экономический анализ и аудита. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Буни Хисорак, Студенческий городок, учебный корпус 7, ауд. 211, E-mail: samaridin@mail.ru. Телефон: (+992) 934-77-33-66.

Маълумот дар бораи муаллифон: Мухамадиева Рухшона Саидалиевна – унвонҷуи кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудити Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.. Телефон: (+992) 939319999. E-mail: r.m.sh@mail.ru; Низомов Самариддин Фахриевич – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудит. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, Шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 7, ауд. 211, E-mail: samaridin@mail.ru. Телефон: (+992) 934-77-33-66.

About the authors: Mukhamadieva Rukhshona Saidaliyevna, applicant of the Department of Audit and Analysis of the Tajik National University. Dushanbe, Republic of Tajikistan. Tel. (+992) 939319999. E-mail: r.m.sh@mail.ru; Nizomov Samariddin Fakhrievich - Doctor of Economics, Professor, Tajik National University, Professor of the Department of Economic Analysis and Auditing. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Buni Hisorak Street, Student Campus, Academic Building 7, Room 211, E-mail: samaridin@mail.ru. Phone: (+992) 934-77-33-66.

УДК: 657.1

Низомов С.Ф., Файзиева Н.Ғ.

МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ БАҲИСОБГИРИИ ИДОРАКУНӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ ВА ТАШАККУЛИ КОНСЕПСИЯИ УМУМИИ ОН

Гузариш ба муносибатҳои нави иқтисодӣ масъалаи такмили методологияи баҳисобгирии муҳосибиро ба миён гузошт. Сараввал, ҷудошавии низоми ягонаи баҳисобгирӣ ба ду ҷузъи алоҳида – баҳисобгирии молиявӣ, ки ташкил ва пешбарии он аз ҷониби мақомоти танзимкунанда – Вазорати молия муқаррар мегардад, ва баҳисобгирии идоракунӣ, ки аз тарафи менеҷмент ва шуъбаи баҳисобгирӣ-таҳлилии корхона мустақилона роҳандозӣ карда мешавад, тақсим шуд. Танзими низоми баҳисобгирии молиявӣ дар заминаи талаботҳои СБҲМ густариш ёфта, баҳисобгирии идоракунӣ дар давраи шаклмуайянкунӣ қарор дорад.

Дар давраи кунунӣ баҳисобгирии идоракунӣ ба зернизоми иттилоотӣ-таҳлилӣ ва назоратии идоракунии корхона, на ин ки пештар ҳамчун зернизоми баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолӣ ва ошкор намудани захираҳои паст кардани он ҳисобида мешуд, табдил ёфтааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи олимону муҳақиқон зиёда аз 10 таҳқиқоти илмӣ вобаста ба баҳисобгирии идоракунӣ рӯйи кор омадаанд. Дар ин таҳқиқотҳо нуқтаи назари ягона вобаста ба таърифи мафҳуми «баҳисобгирии идоракунӣ» ба назар намерасад. Як гурӯҳ олимони ватанӣ баҳисобгирии

идоракуниро ҳамчун зернизоми баҳисобгирии муҳосибӣ, гурӯҳи дигари олимон ҳамчун низоми ҳамгиро, гурӯҳи сеюм чун низоми дохилии иттилоотӣ, чорум – ҳамчун низоми ҷамъоварӣ ва таснифи иттилооти молиявӣ ва ғайримолиявӣ, ва гурӯҳи охир чун низоми баҳисобгирии хароҷоти истеҳсолӣ ва ғ. шарҳ додаанд (ҷадвали 1).

Мафҳуми «баҳисобгирии идоракунӣ» дар пажуҳиши олимони ватанӣ

№ р/т	Муаллифон	Мафҳуми баҳисобгирии идоракунӣ
1.	Абдулмуминзода Н.А.	«Баҳисобгирии идоракунӣ ин низоми ҳамгирое мебошад, ки унсурҳои бо ҳам алоқаманди муташаккилро дар бар гирифта, тавассути ҳамкории онҳо раванди табдили иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилии дар воҳидҳои сохтории истеҳсолӣ ва дигар қисматҳои гуногуни корхона, дар низомҳои баҳисобгирии фаврӣ ва молиявӣ ташаккулёбандаро ба иттилооти зарурӣ барои қабули қарорҳои идоракунии фаврӣ, тактикӣ, стратегӣ ва проблемавӣ таъмин менамояд» [1, с. 10].
2.	Барфиев К.Х.	«Баҳисобгирии бухгалтерии идоракуниро ҳамчун сарчашмаҳои асосии иттилоот ва усулҳои асосноккунии қарорҳои идоракунӣ аз тарафи роҳбарияти субъекти иқтисодӣ қабулшаванда баррасӣ менамояд» [5, с. 12].
3.	Бобоев М.У.	«Низоми иттилоотии дохилӣ, ки нишондиҳандаҳои молиявӣ ва ғайримолиявиро бо мақсади ба менеҷерҳо пешкаш намудани иттилооти зарурӣ барои қабули қарорҳои идоракунии тактикӣ ва стратегии самаранок истифода мебарад [7, с. 10].
4.	Ғаниев У.Ф.	«Баҳисобгирии идоракунӣ низоми мунтазам рушдёбандаи банақшагирӣ, таҳлил, баҳисобгирӣ, назорат ва ояндабинии хароҷоти тағйирёбанда ва доимии истеҳсолот буда, ба таъминоти иттилоотии равандҳои қабули қарорҳои идоракунӣ нигаронида шудааст» [10, с. 8].
5.	Калемуллоев М.В.	«Зери мафҳуми баҳисобгирии идоракунӣ низоми ҳамгироии идоракунии дохилиширкатӣ фаҳмида мешавад, ки банақшагирӣ, худ баҳисобгирӣ, назорат, танзим ва таҳлилро дар бар мегирад [14, с. 12-13].
6.	Қодирова Г.Т.	«Баҳисобгирии идоракунӣ – низоми ғункунӣ ва гурӯҳбандии иттилооти молиявӣ ва ғайримолиявие мебошад, ки дар асоси он менеҷерҳо барои ноилгардии ҳадафҳои корхона қарорҳо қабул менамоянд» [16, с. 23].
7.	Розиев Д.А.	«Баҳисобгирии идоракунии ҳамгиро бахши низоми умумии таъминоти баҳисобгирӣ-таҳлилии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхона буда, низоми идоракунии онро бо иттилооти зарурӣ

		барои таҳия ва қабули қарорҳои идоракунӣ дар доираи идоракунии фаврӣ, тактикӣ ва стратегӣ бо истифода аз методика ва методологияи вазифаҳои идоракунӣ, чун банақшагирӣ, баҳисобгирӣ, таҳлил, назорат, буҷетикунонӣ ва ояндабинӣ таъмин менамояд» [21, с. 11].
8.	Сайфиддинзода С.С.	«Баҳисобгирии идоракунӣ – ин якҷояшавии намудҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ, вазифаҳои идоракунӣ ва баҳисобгирӣ дар дохили корхона мебошад, ки барои ҷамъоварӣ ва коркарди иттилооти зарурӣ барои омодасозии ҳисоботи идоракунӣ ва таҳлили нишондиҳандаҳои фаъолияти корхона ва воҳидҳои сохтории он хизмат мекунад» [22, с. 9].
9.	Файзуллоев А.Х.	«Баҳисобгирии идоракунӣ - ин зернизоми мустақили баҳисобгирии муҳосибӣ буда, истифодабарандагони дохилро - кормандони идоракунандаро бо маълумоти шаффоф ва муносиб оид ба даромадҳо, хароҷот ва натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти молиявӣ-хоҷагии корхона, ки барои таҳияи нақшаҳои гуногун, баамалбарории назорати бефосила, гузаронидани таҳлили муназзам, инчунин қабули қарорҳои фаврӣ ва тактикӣ оид ба идоракунии фаъолияти корхона бо мақсади бадастории фоидаи максималӣ дар оянда заруранд, таъмин менамояд» [24, с. 40].
10.	Шамсиддинов М.М.	«Баҳисобгирии идракунӣ соҳаи мустақили дониш буда, низоми ҳамгироии бо ҳам алоқаманде, ки унсурҳои муташаккили ба худ хосро доро буда, менеҷеронро бо иттилоот дар раванди қабули қарорҳои стратегӣ, тактикӣ ва фаврӣ таъмин менамоянд, ки ба онҳо ҷиҳати иҷрои функсияҳояшон зарур аст» [26, с. 9].

Сарчашма: таҳияи муаллиф

Ёдовар мекунем, ки мо таҳқиқотҳои олимони хориҷии дуру наздикро вобаста ба масъалаи мазкур сарфи назар намудем, бо ин мақсад, ки онҳо дар таҳқиқотҳои болозикр мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар аввал чунин ба назар мерсад, ки пажуҳиши вариантҳои пешниҳодшудаи олимони ватанӣ тарафдорон ва рақибони худро доранд, кори сифр назариявист, масоили баҳси илмист. Вале муҳимияти эҳтиёҷоти зарурии амалӣ ҷой дорад. Бинобар ин, матраҳ нагардидани масъалаҳои назариявии баҳисобгирии идоракунӣ ба иҷрои масъалаҳои амалӣ таъсиргузор аст. Чунончи, дар баъзе пажуҳишҳо ибораи «раванди табдили иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилии дар воҳидҳои сохтории истеҳсолӣ ва дигар қисматҳои гуногуни корхона, дар низомҳои баҳисобгирии фаврӣ ва молиявӣ ташаккулёбанда» [1, с. 10] истифода шудаанд, ки муҳтвои баҳисобгирии идоракуниро коста ва нофаҳмо мегардонад. Сайфиддинзода С.С. бо кадом сабаб «якҷояшавии намудҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ»-ро овардааст, номаълум аст, ки муаллиф чиро дар назар дорад ва поёнтар дуруст қайд кардааст, ки баҳисобгирии идоракунӣ «вазифаҳои идоракунӣ ва баҳисобгирӣ дар дохили корхона» [22, с. 9] ҳамгиро

менамояд. Нуқтаи назари дигарро Бобоев М.У. ва Қодирова Г.Т. тарафдорӣ менамоянд, ки ба ақидаи онҳо баҳисобгирии идоракунӣ «низоми ғункунӣ ва гурӯҳбандии иттилооти молиявӣ ва ғайримолиявӣ мебошад» [7, с. 10; 16, с. 23]. Дар ҳақиқат менеҷерон дар пояи чунин иттилоот қарор қабул мекунанд, аммо нишондиҳандаи муҳими баҳисобгирии идоракунӣ таъмини роҳбарияти сатҳи гуногун бо иттилоот таввасути ҳамгиронамоии усулҳои менеҷмент ва баҳисобгирӣ бо мақсади ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегӣ мебошад. Ба ақидаи Ғаниев У.Ф. баҳисобгирии идоракунӣ «банақшагирӣ, таҳлил, баҳисобгирӣ, назорат ва ояндабинии хароҷоти тағйирёбанда ва доимии истеҳсолот» [10, с. 8] ифода мекунад. Аён аст, ки хароҷоти доимӣ ва тағйирёбанда бо мафҳуми классикии баҳисобгирии идоракунӣ мувофиқат намекунад ва низоми «Директ-костинг»-ро шарҳ медиҳад. Танҳо ишора кардан ба хароҷоти тағйирёбанда ва доимии истеҳсолот доираи истифодабарии баҳисобгирии идоракуниро маҳдуд мегардонад. Қайд менамоем, ки маҳсули ниҳоии баҳисобгирии идоракунӣ ин пеш аз ҳама ташаккули иттилоот ҷиҳати асосноккунӣ ва қабули қарорҳои идоракунӣ дар сатҳҳои гуногун (тактикӣ, стратегӣ ва ғ.) аз ҷониби менҷменти корхона мебошад.

Ба андешаи мо, баҳисобгирии идоракунӣ соҳаи дониш ва фаъолият ба ҳисоб рафта, ба сифати низоми ҳамгирошуда ва вобастаест, ки дорои унсурҳои муташаккили хос буда, раванди табодули иттилооти баҳисобгирӣ-таҳлилӣ ва назоратиро барои таъмини қабули қарорҳои фаврӣ, тактикӣ, стратегӣ ва мубрам, ки барои менеҷменти корхона дар иҷрои ваколату салоҳияти худ мусоидат менамоянд, ифода менамояд. Қайд бояд кард, ки баҳисобгирии идоракунӣ на танҳо бо инъикоси амалиётҳо ва воқеъаҳои ҳаёти хоҷагӣ, балки ба воситаи самарабахши идоркунии стратегии корхона, ки бадигаргуниҳо мутобиқ мегардад, мубадал мешавад.

Бояд қайд кард, ки вобаста ба ташаккули низоми иттилоотии корхона ва коркарди қарорҳои самараноки ҷорӣ ва стратегӣ мавқеъ ва нақши баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт бе ягон шубҳо устувор мегардад. Дар иқтисодиёти муосир баҳисобгирии идоракунӣ яке аз низомҳои калидии таъминоти иттилоотии мақомоти идоракунанда ва моликони корхона баҳисоб рафта, дар заминаи умумии рақамикунонии иқтисодиёт тағйироти масирро ба бор меорвард. Чи тавре, ки Мирзоалиев А.А. қайд мекунад, «татбиқи босуръати «Технологияи иттилоотӣ» ва консепсияи «рақамигардонӣ»-и мунтазам рушдкунанда ва тағйирёбанда, ки натиҷаи истифодабарии технологияи иттилоотӣ ба ҳисоб меравад, консепсияи «баҳисобгирии рақамӣ»-ро ба соҳаи баҳисобгирии муҳосибӣ ворид намуд» [17, с. 197]. Зикр бояд намуд, ки дар умум рақамикунонии босуръат ба рушди методологияи баҳисогирии идоракунӣ мусоидат намуда, расмиётҳои баҳисобгирӣ ва тартибдодани ҳисоботи идоракуниро содда гардонида, нигаҳдорӣ ва ташаккули босуръати натиҷаҳои боэътимоди таҳлилиро оиди фаъолияти корхона, инчунин назорати идоракуниро таъмин менамояд.

Хусусияти муҳити иқтисодӣ ва рақамикунонии баҳисобгирӣ муҳим ва маҷмуӣ буда, ба ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва ташкилию методии ҳисобдорӣ таъсир мерасонад. Чунки навоварӣ, бе ягон шубҳа, ба тамоми паҳлуҳои низоми таъминоти иттилоотии ҷараёни идоракунӣ таъсир мерасонад, аз ҷумла, зинаи калидии он, низоми иттилоотии муҳосибӣ.

Иқтисоди рақамӣ - ин навоварии бузург, воридшавии технологияҳои рақамӣ дар истеҳсолот ва ҳаёти ҷомеъа мебошад. Вобаста ба ин масъалаи ташаккулёбии консепсияи нави баҳисобгирии идоракунӣ, ки бо рақамикунии иқтисодиёт ва рушди ҷомеъаи рақамӣ алоқаманд аст, мубрам мегардад. Баҳисобгирии рақамӣ амри таърихист, қафонишини кардан умуман мумкин нест. Пояҳои заминавии онро дарк намуда, роҳҳои татбиқи онро дар фаъолияти конхонаҳо коркард кардан зарур аст,

вагарна рушди устувори иқтисодро таъмин кардан дар шароити рақобати шадид ғайриимкон мегрдад. Дар интишороти илмии олимон вобаста ба баҳисобгирии муҳосибӣ мафҳумҳои нав ба монанди «баҳисобгирии рақамӣ», «рақамикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ», «рақамикунонии баҳисобгирии идоракунӣ», «рақамикунонӣ (digitalization)» ҷараёнҳои фаъолияти хоҷагидорӣ истифода шуда истодааст. Хотиррасон менамоем, ки дар пажуҳишҳои анҷомдодаи олимони ватанӣ ки меҳварии асосии номи пажуҳишашон рақамикунии баҳисобгирист, ягон нуқтаи назар вобаста ба баҳисобгирии рақимӣ ва рақамикунонии ҳисобгирӣ дида намешавад, ҳамаи навиштаҳои онҳо хусусияти тавсирӣ дорад.

Назар меафканем ба нуқтаи назари олимоне, ки мафҳумҳои баҳисобгирии рақамӣ ва рақамикунонии баҳисобгириро пажуҳиш намудаанд. Масалан, Пожаритская И.М. чунин шарҳ додааст «баҳисобгирии рақамӣ ҳамчун низоми бақайдгирӣ, ҷамъварӣ, банизомдарорӣ, нигаҳдорӣ ва додани иттиллот дар шакли электронӣ оид ба объектҳои иқтисоди рақамӣ, ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ» мебошад [20, с. 224]. Олимони рус Еременко В.А., Мамлеева А.М. қайд мекунанд, ки «баҳисобгирии муҳосибии рақамӣ – рақами кардани ҷараёни баҳисобгирии муҳосибӣ, ки иттилооти молиявиро бо ёрии методҳо ва воситаҳои рақамӣ интиқол медиҳад. Ин воситаҳо баҳисобгириро дар ҷараёни ҳарӯзааш барои хеле чандирӣ шуданаш кумак менамояд. Сол ба сол имкониятҳои рақамӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ торафт бештар боэътироф, маъруф (маъмул) ва ҳамгиро шуда истодааст» [12]. Шагабутинова Л.М. чунин мешуморад, ки баҳисобгирии рақамӣ «низоми мукаммали равиши куллан тағйирёбандаро нисбат ба баҳисобгирии муҳосибӣ ифода карда, ҷамъоварӣ, пешниҳод, идоракунии самаранок ва нигаҳдории боэътимоди маълумотро оиди фаъолияти хоҷагии ташкилот дар шакли муносиб ва электронии ҳифзшуда, таъмин менамояд» [25, с.45].

Рақамикунонии баҳисобгирии муҳосибиро Афанасьева Е.Ю. таҳлил намуда, иброз медорад, ки зери он «ҷараёни татбиқи технологияҳои муосири рақамӣ дар раванди баҳисобгирӣ ва истифода намудани методҳо ва воситаҳои дигаргункардашудаи баҳисобгирии муҳосибӣ бо мақсади баланд бардоштани сифати ҷамъоварӣ, ҷамъбаст, банизомдарорӣ, таҳлили ҳаҷми зиёди маълумот, назорати онҳо ва ташкили низоми ягонаи иттилоотии корхона» фаҳмида шавад [2, с. 10]. Сативалдиева Д.А., Гозиева М.Р. қайд мекунанд, ки «Рақамикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ – ин сохтани нав ва дигаргункардани барномаҳои кӯҳнашуда барои банизомдарорӣ, таҳлил ва ҳисоб кардани нишондиҳандаҳо» мебошад [23, с. 41]. Дар ҳақиқат рақамикунонӣ ҷараёни татбиқи технологияҳои рақимиро дар баҳисобгирӣ ифода менамояд. Вобаста ба мақсад ва вазифаҳои баҳисобгирӣ, рақамикунонӣ қабл аз ҳама як имконияти технологиест, ки тағйиротро дар расмиёти ҷамъоварӣ, гурҳбандӣ, инъикос, коркард, ташаккул, пешниҳод ва истифодаи иттилоотро дар раванди идоракунии фаъолияти бизнес-ҷараёнҳои корхонаҳо таъмин мекунад. «Рақамикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ ба он мусоидат мекунад, ки дилхоҳ ҷанбаи фаъолияти хоҷагидорӣ дар сабткунакҳо (базаи маълумот) дар намуди маҷмӯъи реквизитҳо ворид карда мешавад, ки миёни онҳо реквизити ҳисобҳо, дебет ва кредит ҷой доранд. Зеро онҳо ба тарзи рамзи дуӣ инъикос шудаанд, истифода намуднаи зиёда аз ду ҳисобҳо мумкин аст. Зеро бо зиёд шудани шумораи реквизитҳо, масалан, ҳисобҳои таҳлилӣ, ҳисобҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, иттилооти идоракунӣ ва ғайра, ҷамъбаст, банизомдарорӣ ва барои истифода намудани ҳамаи бузургии маълумотро дар шакле, ки аз дастӣ ворид кардани маълумот фарқ мекунад, қулайтар мегардонад» [9, с. 250].

Таҳлили ақидаҳои олимон нишон медиҳад калимаи «баҳисобгирии рақимӣ» ва «рақамикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ» маънои гуногун доранд. Фаҳмиши

ягонаи ин мафҳумҳо мақбул нест. Онҳоро аз лиҳози мантиқӣ ҳаммаъно дида баромадан комилан нодуруст аст. Мо чунин мешуморем, ки "Баҳисобгирии рақамӣ" мафҳуми хеле васеъ буда, он фарогири ҳамаи тағйироти натиҷаи истифодаи технологияи рақамӣ дар баҳисобгирӣ ва ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти хоҷагидорӣ, яъне на танҳо тамоми намудҳои баҳисобгирӣ, балки дигар унсурҳои менҷментро дар бар мегирад, мебошад. Бинобар ин, аз нуқтаи назари баҳисобгирии муҳосибӣ онро бо маънои маҳдуд «баҳисобгирии муҳосибии рақамӣ» шарҳ додан мумкин аст. Вобаста ба ин, «баҳисобгирии муҳосибии рақамӣ» шакли навӣ баҳисобгирӣ буда, «рақамикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ» ҷараёни татбиқи технологияи рақамӣ ва воситаҳои инноватсионии рақамӣ дар баҳисобгирии муҳосибӣ мебошад.

Ҳамин тавр, мо ақидаи Афанасьева Е.Ю., Конон А.А.-ро ҷонибдорӣ менамем, ки чунин мафҳумро пешниҳод намудаанд: «Баҳисобгирии муҳосибии рақамӣ» ин шакли баҳисобгирии баҳисобгирии муҳосибӣ, ки ба татбиқи технологияҳои муосири рақамӣ дар раванди баҳисобгирӣ ва истифодаи методҳо ва воситаҳои дигаргункардашудаи баҳисобгирии муҳосибӣ бо мақсади баланд бардоштани сифати ҷамъоварӣ, ҷамъбаст, банизомдарорӣ, таҳлили ҳаҷми зиёди маълумот, назорати онҳо ва ташкили низоми ягонаи иттилоотии корхона асос ёфтааст» [3, с. 614].

Қайд мекунем, ки олимони ватанӣ ҳоло ҳам автоматикунонии баҳисобгириро бо баҳисобгирии рақамӣ ҳаммаъно мешуморанд ва мафҳумҳои мазкурро барои дар баҳисобгирии муҳосибӣ татбиқ намудани технологияҳои рақамӣ истифода мебаранд. Дар асл чунин нест. «Автоматизатсияи баҳисобгирӣ равандест, ки дар он амалиётҳои ҳисобгирӣ, ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва таҳлили маълумоти молиявию иқтисодӣ бо истифода аз технологияҳои компютерӣ ва барномаҳои махсус иҷро карда мешаванд, на ба таври дастӣ» [15, с. 371]. Бердичевская В.О. қайд мекунад, ки «моҳияти равиши мазкур (автоматикунонӣ – С.Ф.) аз он иборат аст, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои аввала ва иттилооти дар он буда, навиштаҷоти муҳосибӣ оиди амалиётҳои хоҷагии баанҷомрасида тартиб дода шуда, гардишҳо дар давраи ҳисоботӣ ва бақия дар санаи ҳисоботӣ ҳисоб карда шуда, ҳисоботи танзимшуда ва танзимнашуда тартиб дода мешавад» [6, с. 252].

Дар шароити иқтисоди рақамӣ моҳият ва мазмуни баҳисобгирии идоракунӣ ва ҳисоботи идоракунӣ вобаста аз талаботи иттилоотии истифодабарандагон куллан тағйир меёбад. «Дар оянда такмили баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудитро бе истифодаи технологияи муосир, ки ба баландбардоштани суръат ва сифати иттилооти коркардшаванда, ки ҳаҷми он мунтаззам зиёд мешавад, тасаввур кардан ғайриимкон аст» [19, с. 170]. Чунки истифодаи технологияи замонавӣ ба тағйирёбии ҷараёни анъанавии ҷамъоварӣ, коркард ва пешниҳоди иттилооти молиявӣ ва ғайримолиявӣ, ва боз ба раванди қабули қарорҳои оқилонаи идоракунӣ замина фароҳам оварда, ба ташаккули низоми баҳисобгирии идоракунӣ, ҳамзамон методологияи он таъсир мерасонад.

Вобаста ба хусусияти худ баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла баҳисобгирии идоракунӣ, таҳлил ва аудит яке аз соҳаҳои фаъолияти касбӣ, ки бо низоми идоракунӣ зич алоқаманд мебошад, бо компютерикунонӣ фаро гирифта шуданд. Зери таъсири рушди техникаи компютерӣ натиҷаи мантиқии ҷараёни мазкур, ҷараёни автоматикунонӣ ва рақамикунонӣ баҳисоб меравад. Бе ягон муҳобот, ҷараёни автоматикунонӣ ва рақамикунонӣ расмиёти пешбурди баҳисобгирӣ ва таҳияи ҳисоботро содда гардонида, самаранокии кори баҳисобгирию таҳлилӣ ва назоратии идоракунии муҳосибот ва менеҷменти кирояро чандкарата баланд мебардорад. Дар назар дошт, ки низоми ERP ва нармафзори «1С: Бухгалтерия» воситаи рақамикунонӣ нест, ин раванди автоматикунонӣ ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, кушишҳои мутобиқ намудани низоми куҳна ба ҳали мушкилоти муосир дар асоси равишҳои маъмулӣ нисбат ба ҳисобгирӣ бо тафакури аънанавии олимон имконият намедиҳад, ки ба ҷастуҷӯи усулҳои нави бадастории маълумот ва коркарди онҳо бо истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ гузарем.

Имрӯзҳо таваҷҷӯҳи мутахасисон ва кормандони муҳосибот ба он ки чи тавр технологияҳои рақамӣ ба дигаргуншавии вазифа ва техникаи баҳисобгирии идоракунӣ таъсир мерасонад, афзуда истодааст. Дар натиҷаи дигаргуншавиҳои мазкур мазмуну муҳтавои кори кормандони муҳосибот тағйир меёбад. Зеро ба кор бурдани технологияҳои рақамӣ истифода намудани воситаҳои гуногуни рақамиро пешбинӣ менамояд, ки иттилоотро ба рамзи рақамӣ табдил медиҳанд. Масъала танҳо дар сари дарки дигаргуншавии кулии рақамии ҷараёнҳои ҳисобдорӣ ва инчунин, вақт лозим мебошад, истодааст. Таъсири ҷараёни рақамикунонӣ ба баҳисобгирии идоракунӣ дар расми 1 оварда шудааст.



Расми 1. Таъсири ҷараёни рақамикунонӣ ба баҳисобгирии идоракунӣ
Сарчашма: таҳияи муаллифон

Чи тавре, ки аз расми 1 дида мешавад, баҳисобгирии идоракунӣ ҳамчун объекти рақамикунонӣ дар намуди сегонаи боҳамдигар алоқаманд баррасӣ гардидааст, ки ҳар яке соҳаи мустақил (соҳаи илм, фаъолияти касбӣ ва амалия) баромад мекунанд.

Вобаста ба таъсири ҷараёни рақамикунонӣ то як андоза муқаррароти сохтор ва муҳтавои ин самтҳо гуногун мегардад. Саҳми ӯ дар табдили асосҳои назариявӣ ва методологии баҳисобгирии идоракунӣ дар шароити рақамикунонии муосир дар пайдоиши объектҳои ғайрианъанавии баҳисобгирӣ, коркарди усулҳои пешқадам, истифодаи фаъолонаи техникаи ҳисоббарорӣ ва муҳити рақамӣ зоҳир мегардад. Ин, дар навбати худ, ба ташаккули қисмҳои нави баҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит оварда мерасонад. Ба ибораи дигар, таъсири ӯ ба рушди назариявӣ-методологии баҳисобгирии идоракунӣ дар даврони муосири рақамӣ дар ташаккули воҳидҳои нави баҳисобгирӣ, эҷоди равишҳои пешрафта, истифодаи ҳамаҷонибаи технологияҳои иттилоотӣ, платформаи рақамӣ ва дар натиҷа, дар васеъшавии уфуқҳои баҳисобгирӣ, таҳлил ва фаъолияти аудиторӣ мушоҳида мешавад.

Таъсири рақамикунонӣ ба ҷараёни фаъолияти касбӣ ва амалияи ташкили баҳисобгирии идоракунӣ дар корхонаи мушаххас натиҷаҳои гуногун ба бор меоварад. Зеро ташкили низоми баҳисобгирии идоракунӣ аз корхона ба корхона тафовут дошта, омилҳои гуногун ба мисли сохтори ташкилӣ, технологияи истеҳсол, намуди фаъолият, шакли баҳисобгирӣ, инфрасохтор ва ғ. таъсиррасонанд. Инчунин аз рӯйи дигар самтҳо ба соҳаи фаъолияти касбии баҳисобгирии идоракунӣ рақамикунонӣ таъсир мерасонад. Дар шароити муҳити рақамӣ ин пеш аз ҳама бозбинии тасаввурот оиди донишҳои появӣ, салоҳиятнокӣ ва малакаи касбӣ ба ҳисоб меравад. Талаботи ягона оид ба омодагии касбӣ, ки фаъолиятро бо сабткунакҳои баҳисобгирӣ ва истифодаи нармафзорҳои муҳосибиро дар назар дорад, ҳоло мавҷудияти донишу малакаи корро бо ҳаҷми бузурги иттилоот, таҳлили бисёрҷанбаи ахборот, моделсозӣ ва барномарезии вазифаҳои мураккаб, муҳити рақамӣ ва дигар салоҳиятмандиро талаб мекунад.

Бинобар ин, соҳаи баҳисобгирии идоракуниро соҳае баррасӣ менамояд, ки дар он бештар чунин технологияҳои рақамӣ ба монанди, додаҳои калон, омӯзиши мошинӣ, блокчейн, ҳисобкуниҳои абрӣ, зеҳни сунъӣ васеъ истифида карда мешавад. Қайд кардан бамаврид аст, ки коршиносон имкониятҳои васеъ ҷорӣ намудани технологияҳои рақамиро дар даврaҳои алоҳидаи ташаккулёбии иттилооти баҳисобгирии муҳосибӣ, инчунин баҳисобгирии идоракунӣ пешгӯйи карда истодаанд. Аммо дар маҷаллаҳои илмии ватанӣ мубоҳисаҳои илмӣ дар мавриди истифодаи технологияҳои мазкур ба назар намерасанд, то мақом ва мушкилоти истифодаи технологияҳои рақамӣ равшан гарданд. Аз дигар тараф чи тавр ин технологияҳои навин дар амалияи баҳисобгирӣ бояд татбиқ карда шаванд, норӯшан боқӣ мондааст. Ҳама оиди он ки технологияҳои рақамӣ метавонанд дар низоми баҳисобгирии корхона истифода шаванд, дар пажуҳишҳои худ таъкин мекунанд. Вале роҳҳо, воситаҳо ва инструментҳое, ки нармафзорҳои истифодашавандаи баҳисобгириро бо технологияҳои рақамӣ ҳамгиро менамоянд, коркард нашудааст. Ин самти минбаъдаи таҳқиқоти методология ва амалияи рақамикунонии баҳисобгирии муҳосибӣ маҳсуб меёбад. Зеро технологияи рақамӣ ба дигаргуншавиҳои ҷиддӣ, ҳам дар самти методологӣ ва ҳам дар самти амалии илмии баҳисобгирии муҳосибӣ, аз ҷумла, баҳисобгирии идоракунӣ замина мегузорад. Вобаста ба ин, тағйирёбии баҳисобгирии идоракунӣ бо назардошти талаботҳои инноватсионии нав зарурати воқеъии рушди он баҳисоб меравад. Хусусияти истифодабарии технологияҳои муосири рақамӣ дар дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

